ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

БОНКИ ҶАҲОНӢ

# ГУРӮҲИ ҲАМОҲАНГСОЗИИ НАЗДИ ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА ТАТБИҚИ ЛОИҲАИ «БЕҲТАР НАМУДАНИ ХИЗМАТРАСОНИИ ТИББӢ» (ГРАНТҲОИ БОНКИ ҶАҲОНӢ D547-TJ ва TF OB2817)

## ҲИСОБОТИ НИҲОИИ

Лоиҳаи

«Беҳтар намудани хизматрасонии тиббӣ»

Душанбе -2023

Мундарича

**Ҳадаф ва вазифаҳои Лоиҳа:** 3

**Самтҳои фаъолияти Лоиҳа:** 3

**Мӯҳлати татбиқи Лоиҳа:** 4

**Сарчашмаҳои маблағгузорӣ ва маблағи умумии Лоиҳа:** 4

**Азхудкунии маблағҳо ва фоизи иҷроиши аз оғози татбиқи Лоиҳа:** 4

**Ҳолати татбиқи Лоиҳа аз рӯи қисматҳо:** 5

***Қисмати 1. Маблағгузорӣ дар натиҷаи фаъолият (МАНФ)*** 5

*Баланд бардоштани иқтидории кадрии Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ* 33

*Тартиби баррасии мурожиатҳо* 35

*Кортҳои шаҳрвандӣ* 36

**Қисмати 2. Пурзӯр намудани муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ (КАТС):** 39

**Зерқисмати 2.1 Такмили сифат.** 39

**Зерқисмати 2.2 Такмили инфрасохтор ва заминаи моддию техникии КАТС:** 46

**Маблағгузории сарикасӣ дар сатҳи КАТС.** 58

**Қисмати 3. Идораи лоиҳа, ҳамоҳангсозӣ, мониторинг ва баҳодиҳӣ:** 62

**Маълумот дар бораи татбиқи лоиҳа дар минтақаҳои ҷумҳурӣ** 66

**Дар сатҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон** 67

**ш.Душанбе** 67

**Вилояти Хатлон** 68

1. **Ноҳияи Фархор** 69
2. **Ноҳияи Ёвон** 70
3. **Ноҳияи Ҷ. Балхӣ** 70
4. **Ноҳияи Қубодиён** 71
5. **Ноҳияи Данғара** 72
6. **Ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ** 73
7. **Ноҳияи Кушониён** 73
8. **Ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ** 75
9. **Ноҳияи Кӯлоб** 76

**Ноҳияҳои тобеъи ҷумҳур** 77

10. **Ноҳияи Файзобод** 77

**Вилояти Суғд** 78

11. **Ноҳияи Спитамен** 79
12. **Ноҳияи Деваштич** 79
13. **Ноҳияи Мастчоҳ** 80
14. **Ноҳияи Ҷ. Расулов** 81
15. **Ноҳияи Зафаробод** 82

**Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон** 83

16. **Ноҳияи Дарвоз** 83
17. **Ноҳияҳои ғайри таҷрибавӣ** 85

***Замимаҳо*** 87

**Номи Лоиҳа:** «Беҳтар намудани хизматрасонии тиббӣ»
**Роҳбари Лоиҳа:** Абдуллозода Ҷамолиддин Абдулло, Вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Ҳамоҳангсози Лоиҳа:** Муҳсинзода Ғафур Муҳсин, муовини якуми вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Офитсери Лоиҳа:** Холназар Баҳодур

## Ҳадаф ва вазифаҳои Лоиҳа:

Такмили сифат ва дастрасии хизматрасонии кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ (КАТС) дар муассисаҳои тиббии деҳотӣ ба аҳолии 16 ноҳияҳои таҷрибавии вилоятҳои Хатлон, Суғд, ВМКБ ва ноҳияи Файзобод тавассути усулҳои муосири маблағгузории соҳаи тандурустӣ, асосан "Маблағгузорӣ аз рӯи натиҷаҳои фаъолият"(МАНФ), бо ҳамбастагӣ дар такмили иқтидори кадрӣ, ҳолати инфрасохтор ва заминаи моддию техникии муассисаҳои КАТС.

- Ҳавасманд намудани кормандони муассисаҳои тиббӣ, барои беҳтаргардонӣ, фарогирӣ ва баланд бардоштани сифати хизматрасонии тиббӣ дар муассисаҳои КАТС.
- Зиёд намудани пардохтҳо барои кормандони тиб, ҷиҳати кам намудани пардохтҳои ғайрирасмӣ ва баланд бардоштани масъулияти онҳо барои натиҷаҳои ниҳоӣ.
- Беҳтар намудани фаъолияти муассисаҳои тиббӣ аз ҳисоби додани мустақилияти бештар ба менеҷерон барои аз ҳисоби маблағҳои МАНФ харид намудани маҳсулотҳои зарурии хизматрасонии тиббӣ.
- Зиёд намудани маблағ барои хизматрасонии афзалиятноки КАТС тариқи маблағҳои иловагӣ ва дастгирии моддӣ.

## Самтҳои фаъолияти Лоиҳа:

Лоиҳа дар марказҳои саломатии деҳот (МСД) ва бунгоҳҳои саломатии (БС) ноҳияҳои таҷрибавии вилояти Суғд (Деваштич, Мастчоҳ, Спитамен, Ҷ.Расулов ва Зафаробод), вилояти Хатлон (Фархор, Ҷ.Балхӣ, Ёвон, Данғара, Қабодиён, Кушониён, н.Кулоб, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ва А.Ҷомӣ), ВМКБ (Дарвоз) ва ноҳияи Файзобод татбиқ мегардад.

***Лоиҳа аз қисматҳои зерин иборат аст*:**

1. Маблағгузорӣ аз рӯи натиҷаҳои фаъолият (МАНФ). Маблағи умумӣ барои амалисозии қисмати мазкур 5 965 909 доллари ИМА-ро ташкил медиҳад.
2. Пурзӯр намудани муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббиву санитарӣ (КАТС):

2.1. Такмили сифат. Маблағи умумӣ барои амалисозии зерқисмати мазкур 1 600 000 доллари ИМА-ро ташкил медиҳад.

2.2. Такмили инфрасохтор ва заминаи моддию техникии КАТС. Маблағи умумӣ барои амалисозии зерқисмати мазкур 2 575 000 доллари ИМА-ро ташкил медиҳад.

3. Идоракунии Лоиҳа, ҳамоҳангсозӣ, мониторинг ва баҳодиҳӣ. Маблағи умумӣ барои амалисозии зерқисмати мазкур 1 950 000 доллари ИМА-ро ташкил медиҳад.

## Мӯҳлати татбиқи Лоиҳа:

***Санаи оғозшавии Лоиҳа дар доиари маблағгузории иловагии дуюм:*** 28 январи соли 2021 (санаи тасдиқи Созишномаҳо аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон); Санаи асосии оғози Лоиҳа 09 феврали соли 2021. Созишномаҳои грантӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ассотсиатсияи Байналмилалии Рушд (гранти D547-TJ) ва Бонки Байналмилалии Таҷдид ва Рушд ва Ассотсиатсияи Байналмилалии Рушд (гранти TF0B2817) 16 ноябри соли 2020 ба имзо расонида шуданд.
***Санаи анҷоми Лоиҳа:*** 30 июни соли 2023

## Сарчашмаҳои маблағгузорӣ ва маблағи умумии Лоиҳа:

| | |
|---|---|
| Гранти D547-TJ | 10 000 ҳазор долл. ИМА |
| Гранти TF0B2817 | 2 000 ҳазор долл. ИМА |
| Саҳми Ҳукумати ҶТ | 502,813 ҳазор долл. ИМА |
| **Арзиши умумии Лоиҳа:** | **12 502,813 ҳазор долл. ИМА** |

## Азхудкунии маблағҳо ва фоизи иҷроиши аз оғози татбиқи Лоиҳа:

| | |
|---|---|
| *Маблағҳои ба нақша гирифташуда:* | |
| аз аввали татбиқи Лоиҳа: | 12 479,273 ҳазор долл. ИМА |
| аз аввали соли 2023 | 2 394,732 ҳазор долл. ИМА |
| дар моҳи ҳисоботӣ: | 696,459 ҳазор долл. ИМА |
| Азхудкунии маблағҳо: | |
| *Маблағҳои азхудкардашуда* | |
| аз аввали татбиқи Лоиҳа: | 12380,120 ҳазор долл. ИМА |
| Фоизи азхудкунӣ аз аввали татбиқи Лоиҳа: | 99,21% |
| *Маблағҳои азхудкардашуда* | |
| аз аввали соли 2023: | 2 295,579 ҳазор долл. ИМА |
| фоизи азхудкунӣ аз аввали соли 2023: | 95,86% |
| дар моҳи ҳисоботӣ: | 487,809 ҳазор долл. ИМА |
| фоизи азхудкунӣ дар моҳи ҳисоботӣ | 70,04% |

Бо сабаби ба миён омадани фарқияти қурби асъори Ҳуқуқҳои махсуси қарзгири (XDR) нисбати доллари ИМА ба Ҷумҳури Тоҷикистон 87064,81 доллари ИМА ворид нагардид. Аз ин лиҳоз, иҷроши умумии Гранти АБР D547-TJ нисбат ба маблағи пешбинишуда 100% иҷроишро ташкил надод.

## Ҳолати татбиқи Лоиҳа аз рӯи қисматҳо:

### *Қисмати 1. Маблаггузорӣ дар натиҷаи фаъолият (МАНФ)*

Дар доираи маблағгузории дуюми иловагӣ, қисмати мазкур ба дастгирии чорабиниҳо оид ба татбиқи МАНФ дар сатҳи кӯмаки аввалияи тиббию санитарии (КАТС) даҳ ноҳияи қаблии вилоятҳои Хатлон (Ёвон, Данғара, Ҷ. Балхӣ, Фархор, Қубодиён), Суғд (Спитамен, Ҷ. Расулов, Деваштич, Мастчо) ва ноҳияҳои тобеъи марказ (Файзобод) ва васеъ намудани МАНФ дар 6 ноҳияи нави таҷрибавӣ (Кушониён, Кӯлоб, Ҳамадонӣ, А. Ҷомӣ дар вилояти Хатлон, Зафарободи Суғд ва Дарвози ВМКБ) равона карда шуд. Ҳамин тариқ, татбиқи механизми МАНФ дар 16 ноҳияи таҷрибавӣ амалӣ карда шуд. Бо мақсади нигоҳ доштани натиҷаҳои ба дастовардаи МАНФ дар муассисаҳои тиббӣ дар доираи маблағгузории дуюми иловагӣ механизми МАНФ дар асоси Дастурамали МАНФ дар таҳрири нав амалӣ карда шуд.

***Аз аввали татбиқи Лоиҳа бо мақсади амалисозии чорабиниҳо оид ба васеъ ва татбиқ намудани механизми маблаггузорӣ аз рӯи натиҷаҳои фаъолият дар 16 ноҳияҳои таҷрибавии Лоиҳа корҳои зерин ба анҷом расонида шудаанд;***

*Созишнома оид ба самаранокии фаъолият байни ВТҲИА ҶТ ва Марказҳои саломатии КАТС-и ноҳияҳои таҷрибавӣ.*

Бо мақсади иҷрои шартҳои Созишномаи молиявӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ассотсиатсияи Байналмилалии Рушд, дар давраи ҳисоботӣ Созишнома оид ба самаранокии фаъолият байни ВТҲИА ҶТ ва КАТС-и ноҳияҳои таҷрибави ба имзо расонида шуд. Мақсади Созишномаи мазкур ин вусъат додани фарогирӣ ва беҳтаргардонии сифати хизматрасонии тиббӣ дар марказҳои саломатии деҳот ва бунгоҳҳои саломатӣ тавассути ҳавасмандгардонии онҳо бо маблағҳои иловагӣ ва устувор намудани ҳуқуқҳои онҳо дар қабул намудани қарор оид ба идоракунии амалиётҳои молиявии худ мебошад. Дар баробари ин, бо мақсади таъмини воситаҳои қиматбаҳои пулӣ ва моддӣ шартнома оид ба ҷавобгарии пурраи инфиродии моддӣ ба имзо расид.

*Таҳияи «Дастурамали ташрифи хонаводаҳо»*

Бо мақсади баланд бардоштани сифати хизматрасонии тиббӣ аз ҷониби кормандони шабакаи КАТС ба аҳолӣ дар доираи гузаронидани ташриф ба хонаводаҳо ва барои татбиқи бомуваффақияти нишондиҳандаи нави миқдорӣ оид ба МАНФ «Миқдори ташрифҳои хонаводаҳо, ки аз ҷониби кормандони тиб дар давраи санҷишӣ гузаронида шуда буданд», вазифаҳои техникӣ барои ҷалби мушовири байналмилалӣ барои ба итмом расонидани таҳияи «Дастурамали ташрифи хонаводаҳо» ва мутобиқсозии Қоидаҳои верификатсия таҳия ва шартнома бо Тамар Готсадзе ба маблағи 9333,33 доллари ИМА баста шуд. Дар доираи фаъолияти кормандони тиббии муассисаҳои таҷрибавӣ дар раванди ташриф ба хонаводаҳо вазифаҳои иловагӣ ворид карда шуданд. Аз ҷумла, ҷалби намояндаҳои дигари ҷомеаи шаҳрвандӣ дар баланд бардоштани итилоотнокии аҳолӣ вобаста ба ташаккули тарзи ҳаёти солим, пешгирии бемориҳои сироятиву ғайрисироятӣ ва чорабиниҳои дигари иттилоотӣ мебошанд. Дар баробари ин, дар ҷараёни гузаронидани ташрифҳо ҳамаи аъзои хонаводаҳо ба қайд гирифта мешаванд, ки барои баррасии ҳаҷм ва сатҳи хизматрасонии тиббӣ дар муассисаҳои тиббии вобасташуда мусоидат хоҳад кард. Аз тарафи мушовири байналмилалӣ Дастурамал, варақаи пурсиш, шиносномаи хонавода ва варақаҳои ташрифҳои мақсаднок, тағйиру иловаҳо ба қоидаҳои ягонаи верификатсия ва маводҳои иттилоотӣ омода гардиданд. Маводҳои мазкур аз тарафи мутахассисони Бонки ҷаҳонӣ пурра баррасӣ гашта, оид ба истифодаи он дар ноҳияҳои таҷрибавӣ розигӣ ва Дастурамал бо фармоиши Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.05.2021 № 367 тасдиқ карда шуд.

*Нашр намудани маводҳо барои амалисозии МАНФ*

Бо мақсади амалисозии қисмати мазкур дар давраи ҳисоботи озмуни хурд (шопинг) оид ба нашр намудани Дастурамали МАНФ, варақаҳои баҳодиҳии сифат ва дафтари бақайдгирии беморон аз рӯи МАНФ гузаронида шуд. Дар натиҷаи арзёбии гузаронидашуда ҶДММ “АРТ Медиа” интихоб гардид ва шартнома ба маблағи 315 501 сомонӣ баста шуд. Айни замон шартномаи мазкур пурра иҷро гардид. Дар баробари ин, бо мақсади нашр намудани «Дастурамали ташрифи хонаводаҳо», Қоидаҳои ягонаи верификатсия, маводҳои иттилоотӣ ва варақаи пурсиш шартнома бо ҶДММ “Полиграф групп” ба маблағи 1 435 850 сомонӣ баста шуд. Бинобар сабаби ба миён омадани талабот ба маводҳои иттилоотӣ оид ба иммунизатсия ва шакли бақайдгирии аҳолӣ шартномаи иловагӣ бо ҶДММ “Полиграф групп” барои нашри маводҳои зикршуда баста ва ба маблағи 1 651 226 сомонӣ иваз карда шуд. Шартномаи мазкур пурра иҷро гардид.

*Давраҳои омӯзишӣ оид ба принсипҳо ва механизмҳои асосии маблағгузории муассисаҳои тандурустӣ аз рӯи натиҷаҳои фаъолият*

Дар давраи ҳисоботӣ дар доираи қисмати мазкур тибқи нақшаи кории Лоиҳаи “Беҳтар намудани хизматрасонии тиббӣ”, амалисозии Маблағгузорӣ аз рӯи натиҷаҳои фаъолият (МАНФ) дар ноҳияҳои таҷрибавӣ оғоз карда шуд. Ба ин мақсад даврахои омӯзишӣ оид ба “Принсипҳо ва механизмҳои асосии маблағгузории муассисаҳои тандурустӣ аз рӯи натиҷаҳои фаъолият” дар асоси фармоишҳои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуданд. Даврахои омӯзишӣ 2212 нафар аз ҳисоби дастаҳои сарпарастӣ, кормандони марказҳои саломатии деҳот ва бунгоҳҳои саломатии ноҳияҳои таҷрибавии вилояти Суғд (Деваштич, Мастчоҳ, Спитамен, Ҷ.Расулов ва Зафаробод), вилояти Хатлон (Фархор, Ҷ.Балхӣ, Ёвон, Данғара, Қабодиён, Кушониён, н.Кулоб, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ва А.Ҷомӣ), ВМКБ (Дарвоз) ва ноҳияи Файзобод фаро гирифта шуданд. Аз он ҷумла, дар вилояти Хатлон 1728 нафар (245 табиб, 1471 корманди миёнаи тиб ва 12 дигар кормандон), дар вилояти Суғд 310 нафар (118 табиб, 186 корманди миёнаи тиб ва 6 дигар кормандон), ВМКБ 93 нафар (12 табиб, 80 корманди миёнаи тиб ва 1 дигар корманд) ва дар ноҳияи Файзобод 81 нафар (18 табиб ва 62 корманди миёнаи тиб). Аз шумораи умумии бозомӯзишудагон 1799 нафар (81,3%) кормандони миёнаи тиб, 393 нафар (17,8%) табибон ва 20 нафар (0,9%) дигарон мебошанд. Аз рӯи тақсимоти ҷинсӣ занон дар байни иштирокчиёни омӯзиш бартарӣ доранд, ки 1524 нафар ё 69%-и кормандони бозомӯзишудаи тиббиро ташкил медиҳанд, 688 нафари ё 31%-и боқимонда мардон мебошанд. Замима.1 Инчунин, бо мақсади омода намудани Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ барои гузаронидани верификатсияи дохила дар муассисаҳои КАТС-и ноҳияҳои таҷрибавӣ дар асоси Фармоиши Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июни соли 2021, таҳти №545 даври омӯзишӣ ҷиҳати муаррифии Дастурамал оид ба амалисозии МАНФ дар таҳрири нав гузаронида шуд.

*Системаи иттилоотии идоракунии МАНФ*

Системаи иттилоотии идоракунии МАНФ (СИИ МАНФ) яке аз сарчашмаҳои асосии маълумот барои арзёбии нишондиҳандаҳои миқдори ва сифатии МАНФ, нишондиҳандаҳои ҳадафи рушд ва фосилавии Лоиҳа медошад. СИИ МАНФ дар бо назардошт ва шартҳои МАНФ дар заминаи нармафзори DHIS-2 таҳия ва амали карда шуд. Дар доираи МИ-2, вобаста ба ворид намудани тағироту иловаҳо ба Дастурамали МАНФ, зарурияти нафсозии Системаи иттилоотии идоракуниро ба миён овард. Дар асоси ин Лоиҳа бо мақсади навсозии системаи иттилоотии идоракунии МАНФ (СИИ-МАНФ) дар асоси Дастурамал оид ба амалисозии МАНФ (дар таҳрири нав)

шартнома бо мушовири байналмилалӣ Латипов. М ба маблағӣ 13 500 доллари ИМА баста шуд. Тибқи шартнома мушовир корҳои зеринро иҷро намуд;

- Навсозии платформаи DHIS-2 то шакли охирон (аз 25 то 37-ум шакл)
- Навсозии барномаи иттилоотии СИИ-МАНФ дар асоси Дастурамал оид ба амалисозии МАНФ (дар таҳрири нав)
- Таҳияи модули таҳлилӣ оид ба мониторинги нишондиҳандаҳои микдорӣ ва сифатии МАНФ, нишондиҳандаҳои ҳадафҳои рушд ва фосилавии Лоиҳа.
- Гузаронидани омӯзиши кормандони Лоиҳа оид ба ворид намудани тағйироту иловаҳо ба барномаи СИИ-МАНФ.

*Таъмин намудани муассисаҳо бо шабакаи Интернет.*

Бо мақсади ворид намудани маълумотҳо ба системаи иттилоотии идоракунии МАНФ дар речаи мустақим аз тарафи муассисаҳои тиббӣ шартнома бо операторҳои мобилии “TCELL” ва “Мегафон” оид ба пешниҳоди Интернет баста шуд. Тамоми марказҳои саломатии деҳот ва бунгоҳҳои саломатии 16 ноҳияи таҷрибавии Лоиҳа бо сим-кортҳои мобилӣ ва модемҳо барои ворид намудани маълумот ба системаи DHIS2 бо Интернет таъмин карда шудаанд.

*Давраҳои омӯзишӣ оид ба истифодабарии системаи иттилоотии идоракунии МАНФ.*

Дар давраи ҳисоботӣ дар доираи қисмати мазкур тибқи нақшаи кории Лоиҳа навсозии системаи иттилоотии идоракунии МАНФ (СИИ-МАНФ) дар асоси Дастурамал оид ба амалисозии МАНФ (дар таҳрири нав) гузаронида шуд. Ба ин мақсад аз 28 сентябри соли равон давраҳои омӯзишӣ оид ба истифодабарии системаи иттилоотии идоракунии МАНФ дар асоси фармоиши Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуд *(Фармоиш аз 21.09.2021 №839)*. Давраҳои омӯзишӣ 575 нафар аз ҳисоби дастаҳои сарпарастӣ, кормандони марказҳои саломатии деҳот ва бунгоҳҳои саломатии ноҳияҳои нави таҷрибавии вилояти Хатлон, Суғд ва ноҳияи Дарвози ВМКБ фаро гирифта шуданд. Аз он ҷумла, дар ноҳияи Ҳамадонӣ 90 нафар, ноҳияи Кушониён 152 нафар, ноҳияи А.Ҷомӣ 122 нафар, ноҳияи Дарвоз 69 нафар ва ноҳияи Зафаробод 34 нафар. Аз рӯи тақсимоти ҷинсӣ занон дар байни иштирокчиёни омӯзиш бартарӣ доранд, ки 407 нафар ё 71%-и иштирокчиёни омӯзишро ташкил медиҳанд, 168 нафари ё 29%-и боқимонда мардон мебошанд. *Замима.3*

*Омӯзишӣ маълумотнокии компютери*

Бо мақсади дастгирии соҳаи тандурусти дар татбиқи Системаи иттилоотии идоракунии тандурустӣ барои баланд бардоштани аҳамияти қарорҳои

идоракунӣ, самаранокӣ, пуррагӣ, эътимоднокӣ ва мубодилаи иттилоот барои эҳтиёҷоти идоракунӣ ва маблағгузорӣ дар сатҳи КАТС таввасути СИИ-МАНФ. Рушди захираҳои инсонӣ барои рақамикунонии соҳаи тандурустӣ яке аз самтҳои афзалиятноки Стратегияи рушди Системаи иттилоотии идоракунии тандурустӣ мебошад. Ҳамин тариқ, бо мақсади истифодабарии таҷҳизоти компютерӣ дар раванди амалисозии МАНФ ва дар оянда истифодаи системаи иттилоотии идоракунии МАНФ аз тарафи кормандони муассисаҳои тиббии шабакаи кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ ноҳияҳои нави таҷрибавии Лоиҳа шартнома оид ба гузаронидани даврахои омӯзишии маърифати компютерӣ бо ширкати “Умедбахш” ба маблағи 40 315 доллари ИМА баста шуд. Даврахои омӯзишӣ 378 нафар аз ҳисоби дастаҳои сарпарастӣ, кормандони марказҳои саломатии деҳот ва бунгоҳҳои саломатии ноҳияҳои нави таҷрибавии вилояти Хатлон, Суғд ва ноҳияи Дарвози ВМКБ фаро гирифта шуданд. Аз он ҷумла, дар ноҳияи Ҳамадонӣ 66 нафар, ноҳияи Кушониён 102 нафар, ноҳияи А.Ҷомӣ 69 нафар, ноҳияи Дарвоз 43 нафар ва ноҳияи Зафаробод 34 нафар. Аз рӯи тақсимоти ҷинсӣ занон дар байни иштирокчиёни омӯзиш бартарӣ доранд, ки 235 нафар ё 62%-и иштирокчиёни омӯзишро ташкил медиҳанд, 143 нафари ё 38%-и боқимонда мардон мебошанд. *Замима. 2*

### *Верификатсия дохила*

Дар асоси консепсия Лоиҳа, мониторинг ду сатҳи верификатсияро дар бар мегирад. Дар сатҳи аввал ҳар семоҳа верификатсияи дохилии фаъолияти муассисаҳои КАТС-и ноҳияҳои таҷрибави аз тарафи Хадамоти назорати давлати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимои гузаронида мешавад. Сатҳи дуюми ин гузаронидани верификатсияи мустақил ҳар нимсола аз тарафи Хазинаи кудакони СММ. Ҳадафи гузаронидани верификатсия ин беҳтар намудани хизматрасонии тибби таввасути саривақтӣ ва софдилона бақайдгирии миқдор ва сифати хизматрасониҳо, баланд бардоштани иқтидори кормандони тиб дар соҳаи тибби оилавӣ. Принсипҳои асосии верификасия ин дастгирӣ ва омӯзонидани кормандони тиб, мустақилият ва бетарафии санҷиш ва асоснокии натиҷаҳои санҷиш. Ба мақсади гузаронидани верификатсияи дохила Созишнома байни Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ба имзо расонида шуд. Дар доираи Созишномаи мазкур аз тарафи Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ гузаронидани 1 даври верификатсияи дохила дар 10 ноҳияи қаблӣ ва 6 давраи верификатсияи дохила дар 16 ноҳияҳои таҷрибавии Лоиҳа дар асоси қоидаҳои ягонаи верификатсия тасдиқ гаштааст. Ҳар семоҳа Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ (ХНДТҲИА) эътимоднокии

маълумотҳои ҳисоботии аз тарафи муассисаҳои тиббии шабакаи КАТС пешниҳодшударо тафтиш (верификатсия) намуда сифати хизматрасониҳоро баҳогузори менамоянд. Аз аввали Лоиҳа мувофиқи нақшаи чорабиниҳо оид ба амалисозии МАНФ дар ноҳияҳои таҷрибавии вилоятҳои Суғду Хатлон, ВМКБ ва ноҳияи Файзобод 7 верификатсияи дохилии аз ҷониби Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар 720 муассисаҳои тиббӣ аз ҷумла, 264 маркази саломатии деҳот ва 456 бунгоҳҳои саломатӣ гузаронида шуд. Бинобар сабаби он, ки арзишҳои нишондиҳандаҳои ҳадафи рушд ва фосилавӣ барои 10 ноҳияҳои таҷрибавии мавҷудбуда ва 6 ноҳияи нави Лоиҳа дар алоҳидагӣ дарҷ карда шудааст, бо ин мақсад таҳлили нишондиҳандаҳои МАНФ ба алоҳидагӣ гузаронида шуд.

***Таҳлили нишондиҳандаҳои шуморавии муассисаҳои тиббии 10 ноҳияи таҷрибавии мавҷудбуда***

Бинобар сабаби он, ки арзишҳои нишондиҳандаҳои ҳадафи рушд ва фосилавӣ барои 10 ноҳияҳои таҷрибавии мавҷудбуда ва 6 ноҳияи нави Лоиҳа ба алоҳидагӣ арзебӣ карда мешаванд, бо ин мақсад таҳлили нишондиҳандаҳои МАНФ ба алоҳидагӣ гузаронида мешавад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар 10 ноҳияҳои таҷрибавӣ хизматрасонии тиббӣ аз рӯи нишондиҳандаҳои миқдорӣ дар семоҳаи чоруми соли 2022 дар маҷмӯъ 418872 ҳолатро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2021 (349931 ҳолат) 69941 ҳолат зиёд мебошад. Аз ҷумла,

- ***Шумораи кӯдакони то 13 моҳа, ки ҳама вояҳои ваксинаро мувофиқи реҷаи иммунизатсияи муқаррарнамудаи ВТҲИА гирифтаанд.*** *Диаграмма.1*




Дар семоҳаи чоруми соли 2022 - 10621 кӯдакони то 13 моҳа ваксинаро мувофиқи реҷаи иммунизатсияи муқаррарнамудаи ВТҲИА гирифтаанд, ва фоизи фарогирии кӯдакони то 13 моҳае, ки пурра эмгузаронӣ гардидаанд, дар 10 ноҳияҳои таҷрибавии Лоиҳа ба 99,8 % расид. *Диаграмма.1*

- ***Шумораи кӯдакони синни 0-24 моҳа, ки вазну қади онҳо мувофиқи реҷаи тавсияшавандаи инкишоф чен карда мешавад ва волидони онҳо оид ба ғизои мувофиқ ва нигоҳубини кӯдакон машварат гирифтаанд.***

*Диаграмма.2*

Таҳлили нишондиҳандаи мазкур ошкор мекунад, ки ҳаҷми умумии хизматрасонӣ дар семоҳаи чоруми соли 2022 ба 82991 расид, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2021 8% зиёд мебошад. *Диаграмма.2*




- ***Шумораи кӯдакони то 5 сола, ки аз норасоии ғизои дараҷаи муътадил ранҷ мекашанд ва модарони онҳо оид ба ғизои мувофиқ ва парастории кӯдакон машварат гирифтаанд ва дар онҳо динамикаи мусбат мушоҳида карда мешавад.***

*Диаграмма.3*




Ҳаҷми умумии хизматрасонӣ дар семоҳаи чоруми соли 2022 ба 16467 расид, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2021 2251 хизматрасонӣ зиед мебошад. *Диаграмма.3*

- ***Шумораи модароне, ки ташрифи аввалаи баъдитаваллудии патронажиро дар давоми се рӯзи аввали баъди аз таваллудхона ҷавоб шудан гирифтаанд.*** *Диаграмма.4*

Таҳлили нишондиҳандаи мазкур нишон дод, ки теъдоди хизматрасониҳо дар семоҳаи чоруми соли 2022 муқоиса бо семоҳа чоруми соли 2021 7% зиёд гардид. *Диаграмма.4*



- ***Шумораи беморони бори аввал ошкоршуда ва бақайдгирифташудаи гирифтори фишорбаландӣ, ки ташхиси онҳо мувофиқи протоколи миллии клиникии ВТҲИА гузошта шудааст.***

*Диаграмма.5*




Ҳаҷми умумии хизматрасонӣ дар маҷмӯъ дар семоҳаи чоруми соли 2022 нисбат ба ҳамин давраи соли соли 2021 26% тамоюли афзоиш дида мешавад. Бояд қайд намуд, ки ташхис мувофиқи протоколҳои клиникӣ ба 98,07% дар семоҳаи чоруми соли 2022 расид. *Диаграмма.5*

- ***Шумораи беморони синни аз 17 сола калонтар, ки дар онҳо ташхиси фишорбаландӣ гузошта шудааст ва мувофиқи протоколи миллии клиникии ВТҲИА муолиҷа гирифтаанд.***

*Диаграмма.6*

Дар баробари ин, шумораи беморони синни аз 17 сола калонтар, ки ба онҳо ташхиси фишорбаландӣ гузошта шудааст ва мувофиқи протоколи миллии клиникии ВТҲИА ҶТ муолиҷа гирифтаанд, 112785 нафарро ташкил медиҳад, ки нисбат ба семоҳаи чоруми соли 2021 34% зиёд шудааст. Бояд қайд намуд, ки 95,3%-и беморон мувофиқи протоколи клиники муолиҷа гирифтаанд. *Диаграмма.6*



- ***Миқдори хонаводаҳое, ки ба онҳо кормандони тиб дар давраи санҷишӣ ташриф (ташрифи хонаводагӣ) овардаанд.***

  *Диаграмма.7*




Таҳлили нишондоди мазкур нишон доданд, ки кормандони тиббии 10 ноҳияи қаблии таҷрибави ба 165365 хонаводаҳо дар семоҳаи чоруми соли 2022 ташриф ба хонаводаҳо анҷом доданд, ки нисбат ба семоҳаи чоруми соли 2021 21% зиед ташриф ба хонаводаҳо ба анҷом расонданд. *Диаграмма.7*

**Нишодиҳандаҳои сифатӣ**

Дар баробари ин, мақсади асосии Лоиҳа дар қатори беҳтар намудани дастрасии хизматрасонӣ дар сатҳи муассисаҳои таҷрибавии кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ ин беҳтар намудани сифати хизматрасониро низ дар бар мегирад. Бо ин мақсад, муассисаҳои таҷрибавӣ дар натиҷаи верификатсияи дохилӣ аз рӯи холҳои сифатӣ баҳогузорӣ мегарданд. Дар доираи МАНФ сифати хизматрасониро аз рӯи 789 нишондиҳандаҳо 4 қисмат барои МСД ва 466 нишондиҳандаҳои сифат 3 қисмат барои БС баҳогузорӣ карда мешавад. Барои таҳлил натиҷаҳои нишодиҳандаҳои сифати ҳамаи муассисаҳои тиббиро бо таври шарти ба чор гуруҳ аз рӯи холҳои гирифта шуда тақсим карда шуданд. Аз ҷумла, то 55% холҳои паст (бо ранги сурх), аз 56% то 75% холҳои миёна (бо ранги зард), аз 76% то 85% холҳои аз миёна боло (бо ранги сабз) ва аз 86% боло холоҳои баланд (бо ранги сабзи баланд). Арзёбии нишондиҳандаҳои мазкур бо фоиз нишон дода мешавад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки хизматрасонии тиббӣ дар ноҳияҳои таҷрибавӣ аз рӯи нишондиҳандаҳои сифат дар семоҳаи чоруми соли 2022 дар сатҳи МСД ба ҳисоби миёна 91,3% ва дар сатҳи БС ба ҳисоби миёна 91,2%-ро ташкил намуд, ки нисбат ба семоҳаи дуюми соли 2021 дар сатҳи МСД 4,7% ва дар сатҳи БС 7,0% афзудааст. *(Диаграмма.8)*

*Диаграмма.8*




## Қисмати. 1 Маъмурият

Қисмати.1 «Маъмурият» аз зерқисматҳои маъмурият, гигиена ва санитария, хуҷраи қабул, Хизматрасониҳои лабораторӣ (танҳо барои МСД), идоракунии васитаҳои асосии доруворӣ, доруворӣ ва маҳсулотҳои тиббӣ барои ҳолатҳои фавқулодда ва системаи идоракунии иттилоотии МАНФ иборат аст. Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки аз аввали амалисозии МИ-2 афзоиши нишондиҳандаи мазкур дида мешавад. Аз ҷумла, дар сатҳи маркази саломатии деҳот холи миенаи сифат аз 93,0% ба 98,0% ва дар сатҳи бунгоҳҳои саломати аз 86,0% то 88,0% афзоиш ефтааст. *(Диаграмма.9)*

*Диаграмма.9*




Дар асоси натиҷаҳои верификатсияҳои гузаронидашуда таҳлилҳо нишон медаҳанд, ки дар қисмати мазкур 74% муассисаҳои тибби 10 ноҳияҳои таҷрибавии Лоиҳа (МСД ва БС) холҳои миёнаи баланд гирифтанд, ки нисбат ба семоҳаи якуми соли 2021 11% зиед мебошад. Инчунин, 23% массисаҳои тиббӣ холҳои аз миена боло ва 3% холҳои миена гирифтанд. *(Диаграмма.10)*

*Диаграмма.10*




Мувофиқи натиҷаҳои верификатсияи дохили ҳамаи муассисаҳои тибби 10 ноҳияҳои таҷрибави аз рӯи шаш зерқисматҳои қисмати.1 “Маъмурият” холҳои баланд гирифтанд, ба истисноӣ зерқисмати “Хизматрасонии озмоишгоҳӣ”. Қайд кардан зарур аст, ки хизматрасонии мазкур танҳо дар МСД гузаронида мешвад. Холҳои сифатии ин зерқисмат ба 49,2% баробар шуда, муқоиса ба соли 2021 6,5% кам шуд. *Ҷадвал.1*

*Ҷадвал.1*

| ***Қисмати. 1 Маъмурият*** | ***МСД*** | | ***БС*** | |
|---|---|---|---|---|
| | *2021* | *2022* | *2021* | *2022* |
| 1.1 Маъмурият | 90,2% | 99,8% | 96,6% | 99,9% |
| 1.2 Гигиена ва санитария | 93,6% | 97,1% | 92,0% | 96,4% |
| 1.3 Ҳуҷраи қабул | 97,1% | 98,0% | 97,4% | 98,6% |
| 1.4 Хизматрасониҳои лабораторӣ | 55,7% | 49,2% | | |
| 1.5 Идоракунии воситаҳои асосии доруворӣ | 90,4% | 98,9% | 86,4% | 98,5% |
| 1.6 Доруворӣ ва маҳсулотҳои тиббӣ барои ҳолатҳои фавқулодда | 92,7% | 99,6% | 92,6% | 98,2% |
| 1.7 СИИ МАНФ | 96,0% | 99,9% | 93,8% | 99,8% |

**Қисмати. 2 Солимии кӯдакон**

Қисмати.2 Солимии кӯдакон аз панҷ зерқисмат иборат аст, аз ҷумла сифати ҳуҷҷатнигории тиббӣ, сифати эмгузаронӣ, сифати бақайдгири ва табобати норасогии ғизо, сифати ташхис ва табобати дарунравӣ байни кӯдакони то синни 5 сола, сифати ташхис ва табобати бемориҳои шадиди роҳи нафас байни кӯдакони то синни 5 сола. Дар умум нишондиҳандаҳои қисмати “Солимии кӯдакон” дар сатҳи МСД ва БС ба ҳисоби миёна мутаносибан 93,1% ва 87,3% дар соли 2022 ташкил намуд. Иҷроиши қисмати мазкур муқоиса ба аввали соли

2021 дар сатҳи МСД ва БС мутаносибан ба 5,1% ва 7,6% зиед гардидааст. *Диаграмма.11*

*Диаграмма.11*




Аз рӯи натиҷаҳои верификатсияҳои дохилӣ маълум гардид, ки ба ҳисоби миёна дар охири соли 2022 68% фоизи муассисаҳои тиббӣ баҳои баланд гирифтаанд (нисбат ба аввали соли 2021 25 фоиз зиёд шудааст). *Диаграмма.12*

*Диаграмма.12*




Таҳлили нишондиҳандаҳои қисмати солимии кӯдакон нишон медиҳад, ки сифати хизматрасонии тиббӣ дар сатҳи марказҳои саломатии деҳоти шаш ноҳияи таҷрибавӣ дар соли 2022 бо холҳои баланд арзёби карда шуданд. Дар сатҳи бунгоҳҳои саломати бошад сифати ҳуҷҷатгузории тиббӣ, сифати эмкунӣ бо холҳои баланд ва сифати хизматрасони дар ташхис ва табобати бемориҳои дарунрави ва шадиди роҳи нафас ба холҳои аз миёна боло арзёби карда шуд. Ҳамин тариқ, дар умум сифати хизматрасонии тибби ба кӯдакон дар соли 2022 нисбат ба аввали соли 2021 афзоиш ёфтааст. *Ҷадвал.2*

*Чадвал.2*

| Қисмати 2. Солимии кӯдакона | МСД | | БС | |
|---|---|---|---|---|
| | *2021* | *2022* | *2021* | *2022* |
| 2.1. Ҳуҷҷатгузории тиббӣ | 98,6% | 99,6% | 98,6% | 99,7% |
| 2.2. Сифати эмкунӣ | 93,1% | 98,0% | 86,7% | 95,4% |
| 2.3 Сифати ошкорсозӣ ва табобати норасогии ғизо | 85,6% | 92,7% | | |
| 2.4 Сифати ташхис ва табобати дорунравӣ байни кӯдакони то синни 5 сола | 87,9% | 92,3% | 78,4% | 85,9% |
| 2.5 Сифати ташхис ва табобати бемориҳои шадиди роҳи нафас байни кӯдакони то синни 5 сола | 86,6% | 91,6% | 76,1% | 84,0% |

## Қисмати. 3 Солимии модарон

Нишондиҳандаи "Солимии модарон" дар асоси ду нишондиҳанда сифати ҳуҷҷатгузории тиббӣ ва сифати ташрифи аввалини пас аз таваллудӣ арзёби карда шуд. Дар умум дар сатҳи марказҳои саломатии деҳот ва бунгоҳҳои саломати дар охири амалисозии Лоиҳа сифати хизматрасонии тиббии солимии модарон мутаносибан ба 98,6% ва 95,1% расид, ки нисбат ба аввали амалисозии Лоиҳа 4,5% ва 7,1% зиёд гардид. *Диаграмма.13*

*Диаграмма.13*




Натиҷаҳои таҳлили гузаронидашуда нишон додан, ки 98% муассисаҳои шаш ноҳияи таҷрибавӣ ҳолҳои баланд ва 2% холҳои аз миёна боло гирифтанд, ки нисбат ба соли 2021 11% зиед мебошад. *Диаграмма.14*

*Диаграмма.14*




Таҳлили қисмати мазкур нишон дод, ки муассисаҳои тиббӣ аз рӯи ду зерқисмат бо холҳои баланд  арзёби карда шуданд. Аз ҷумал, сифати ҳуҷҷатгузории тиббӣ дар соли 2022 дар сатҳи марказҳои саломатии деҳот ба 99,7% ва дар сатҳи бунгоҳҳои саломати ба 98,4% расид.  Сифати ташрифи аввалини пас аз таваллудӣ башад дар сатҳи МСД ва БС  ба 98,4% ва 94,9% баробар шуд. *Ҷадвал.3*

*Ҷадвал.3*

| **Қисмати 3. Солимии модарон** | ***МСД*** | | ***БС*** | |
|---|---|---|---|---|
| | *2021* | *2022* | *2021* | *2022* |
| 3.1. Ҳуҷҷатгузории тиббӣ | 87,8% | 99,7% | 96,2% | 98,4% |
| 3.2 Сифати ташрифи аввалини пас аз таваллудӣ | 93,7% | 98,4% | 86,7% | 94,9% |

**Қисмати. 4 Бемориҳои ғайрисироятӣ**

Қисмати чорум сифати хизматрасонии тибби оид ба бемории фишор баланди дар муассисаҳои тиббӣ арзёби карда мешавад. Нишондиҳандаи мазкур танҳо дар марказҳои саломатии деҳот аз рӯи ду нишондиҳанда баҳогузори карда мешавад. Аз чумла, сифати ҳуҷҷатгузории тиббии бемории фишор баланди ва сифати табобати фишор баланди. Натиҷаҳои верификатсияҳои гузаронида шуда нишон медиҳад, ки сифати хизматрасони дар 10 ноҳияи таҷрибави аз 79,5% ба 86,2% расидааст. *Диаграмма.15*

*Диаграмма.15*




Дар баробари ин, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки 61% марказҳои саломатии деҳот бо ҳолҳои баланд (нисбат ба аввали соли 2021 30% зиед гардид) ва 6% МСД холҳои миена арзёби карда шуданд. *Диаграмма.16*

*Диаграмма.16*




Дар натиҷаи таҳлили зеқисматҳои қисмати форум муайян гардид, ки зерқисмати "Ҳуҷҷатгузории тиббӣ" аз соли 2021 то соли 2022 1,8% ва зерқисмати "Сифати табобати фишорбаланди" аз соли 2021 то соли 2022 6,9% афзоиш ефтааст. *Ҷадвал.4*

*Ҷадвал.4*

| **Қисмати 4. Бемориҳои ғайрисироятӣ** | *МСД* | |
|---|---|---|
| | *2021* | *2022* |
| 4.1. Ҳуҷҷатгузории тиббӣ | 98,1% | 99,8% |
| 4.2 Сифати табобати фишорбаланди | 78,3% | 85,3% |

***Таҳлили нишондиҳандаҳои шуморавии муассисаҳои тиббии 6 ноҳияи тачрибавии нав***

Аз аввали амалисозии Лоиҳа дар доираи маблағгузории дуюми иловаги дар ноҳияҳои нави тачрибавӣ (*Зафаробод, Кушониён, н.Кӯлоб, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, А.Ҷомӣ ва Дарвоз*) 6 верификатсияи дохилии маълумотҳо дар муассисаҳои тиббии тачрибавӣ аз ҷониби Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ гузаронида шуд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар ноҳияҳои тачрибавӣ хизматрасонии тиббӣ аз рӯи нишондиҳандаҳои миқдорӣ дар семоҳаи чоруми соли 2022 дар маҷмӯъ 204 593 ҳолатро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2021 86% зиёд мебошад. Аз ҷумла;

1. ***Шумораи кӯдакони то 13 моҳа, ки ҳама вояҳои ваксинаро мувофиқи реҷаи иммунизатсияи муқаррарнамудаи ВТҲИА гирифтаанд.*** *Диаграмма.17*




Ҳаҷми умумии хизматрасони дар семоҳа дуюми соли 2022 ба 4595 расид, ва фоизи кӯдакони то 13 моҳае, ки пурра эмгузаронӣ гардидаанд, дар 6 ноҳияҳои нави тачрибавии Лоиҳа 99,6 %-ро ташкил дод. *Диаграмма.17*

2. ***Шумораи кӯдакони синни 0-24 моҳа, ки вазну қади онҳо мувофиқи реҷаи тавсияшавандаи инкишоф чен карда мешавад ва волидони онҳо оид ба ғизои мувофиқ ва нигоҳубини кӯдакон машварат гирифтаанд.*** *Диаграмма.18*




Таҳлили нишондиҳандаи мазкур ошкор мекунад, ки ҳаҷми умумии хизматрасонӣ дар семоҳаи 4 соли 2022 ба 34359 расид, ки нисбат ба семоҳаи сеюми соли 2021 31% (8138 ҳолат) зиёд мебошад. *Диаграмма.18*

3. ***Шумораи кӯдакони то 5 сола, ки аз норасоии ғизои дараҷаи муътадил ранҷ мекашанд ва модарони онҳо оид ба ғизои мувофиқ ва парастории***

***кӯдакон машварат гирифтаанд ва дар онҳо динамикаи мусбат мушоҳида карда мешавад.*** *Диаграмма.19*

Ҳаҷми умумии хизматрасонӣ дар семоҳаи чоруми соли 2022 ба 8517 расид, ки нисбат ба семоҳаи чоруми соли 2021 3892 хизматрасонӣ зиед мебошад. *Диаграмма.19*




4. ***Шумораи модароне, ки ташрифи аввалаи баъдитаваллудии патронажиро дар давоми се рӯзи аввали баъди аз таваллудхона ҷавоб шудан гирифтаанд.***
*Диаграмма.20*




Шумораи патронажии баъдитаваллуди дар семоҳаи чоруми соли 2022 ба 5147 расид, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2021 480 (10%) хизматрасонӣ зиед мебошад. *Диаграмма.20*

5. ***Шумораи беморони бори аввал ошкоршуда ва бақайдгирифташудаи гирифтори фишорбаландӣ, ки ташхиси онҳо мувофиқи протоколи миллии клиникии ВТҲИА гузошта шудааст.***

*Диаграмма.21*

Дар ҳаҷми умумии хизматрасонӣ дар маҷмӯъ дар семоҳаи чоруми соли 2022 муқоиса бо семоҳаи дуюми соли равон 192% тамоюли афзоиш дида мешавад. Бояд қайд намуд, ки ташхис мувофиқи протоколҳои клиникӣ дар семоҳаи чорум соли равон ба 99,6% расид. *Диаграмма.21*



6. ***Шумораи беморони синни аз 17 сола калонтар, ки дар онҳо ташхиси фишорбаландӣ гузошта шудааст ва мувофиқи протоколи миллии клиникии ВТҲИА муолиҷа гирифтаанд.***

*Диаграмма.22*




Таҳлили нишондиҳандаи мазкур ошкор мекунад, ки ҳаҷми умумии хизматрасонӣ дар семоҳаи чоруми соли 2022 ба 45127 ва фоизи муолиҷа тибқи протоколҳои клиники то 98,9% расид. *Диаграмма.22*

7. ***Миқдори хонаводаҳое, ки ба онҳо кормандони тиб дар давраи санҷишӣ ташриф (ташрифи хонаводагӣ) овардаанд.***

*Диаграмма.23*

Таҳлили нишондоди мазкур нишон доданд, ки кормандони тибби ноҳияҳои нави таҷрибави дар семоҳаи чоруми соли 2022 ба 76180 хонаводҳо ташриф намуданд, ки нисбат ба семоҳаи чоруми соли 2021 48,8% зиед мебошад. *Диаграмма.23*




***Таҳлили нишондиҳандаҳои сифатии муассисаҳои тиббии 6 ноҳияи таҷрибавии нав***

Дар доираи МАНФ сифати хизматрасонӣ аз рӯи 789 нишондиҳандаҳо 4 қисмат барои МСД ва 466 нишондиҳандаҳои сифат 3 қисмат барои БС баҳогузорӣ карда шуд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки хизматрасонии тиббӣ дар шаш ноҳияҳои таҷрибавӣ (*Зафаробод, Кушониён, н.Кӯлоб, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, А.Ҷомӣ ва Дарвоз*) аз рӯи нишондиҳандаҳои сифат дар семоҳаи чоруми соли 2022 дар сатҳи МСД ба ҳисоби миёна 83,0% ва дар сатҳи БС ба ҳисоби миёна 81,0%-ро ташкил доданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2021 ба 13,8% ва 17,7% мутаносибан афзудааст. *Диаграмма.24*

*Диаграмма.24*




Қайд кардан зарур аст, ки 48 фоизи муасисаҳо бо холҳои баланд ва 5% он бо холҳои паст арзёби шуданд, ки нисабт ба аввали соли 2021 мутаносибан 47% зиед ва 18% кам шуданд. *Диаграмма.25*

*Диаграмма.25*




## Қисмати. 1 Маъмурият

Аз оғози татбиқи Лоиҳа дар шаш ноҳияи нави таҷрибавӣ, афзоиши сифати хизматрасонӣ тибқи талаботи қисмати «Маъмурият» дар сатҳи МСД аз 58% то 73% ва дар сатҳи БС аз 64% то 88% дида мешавад. Нишондиҳандаи мазкур дар асоси 7 зерқисмат арзеби карда мешавад. Аз ҷумла маъмурият, гигиена ва санитария, ҳуҷраи қабул, Хизматрасониҳои лабораторӣ (танҳо барои МСД), идоракунии воситаҳои асосии доруворӣ, доруворӣ ва маҳсулотҳои тиббӣ

барои ҳолатҳои фавқулодда ва системаи идоракунии иттилоотии МАНФ. *Диаграмма.26*

*Диаграмма.26*




Таҳлили маълумотҳо нишон медиҳад, ки дар охири соли 2022 51% муассисаҳои тиббӣ холҳои баланд гирифтаанд, ки нисбат ба аввали соли 2021 42% зиёд шудааст, муассисаҳои тиббии дорои холҳои паст низ аз 29% то 2% коҳиш ёфтааст. *Диаграмма.27*

*Диаграмма.27*




Натиҷаҳои верификатсияҳои дохили нишон медиҳанд, ки марказҳои саломатии деҳот дар охири соли 2022 аз рӯи зерқисматҳои “Маъмурият” “Гигиена ва санитария”, “Ҳуҷраи қабул”, “Доруворӣ ва маҳсулотҳои тиббӣ барои ҳолатҳои фавқулодда” ва “СИИ МАНФ” бо холҳои баланд ва аз миёна боло арзёби карда шуданд ва нисбат ба аввали соли 2021 афзоиш ёфтанд, ба

истиснои зеркисматҳои “Хизматрасониҳои лабораторӣ” ва “Идоракунии василаҳои асосии доруворӣ”, ки бо холҳои паст ва мена арзёби карда шуданд. *Ҷадвал.5*

*Ҷадвал.5*

| ***Қисмати. 1 Маъмурият*** | ***МСД*** | | ***БС*** | |
|---|---|---|---|---|
| | *2021* | *2022* | *2021* | *2022* |
| 1.1 Маъмурият | 59,6% | 97,4% | 67,6% | 94,6% |
| 1.2 Гигиена ва санитария | 49,3% | 85,1% | 47,5% | 75,7% |
| 1.3 Ҳуҷраи қабул | 86,6% | 96,8% | 80,3% | 94,3% |
| 1.4 Хизматрасониҳои лабораторӣ | 10,1% | 8,8% | | |
| 1.5 Идоракунии васитаҳои асосии доруворӣ | 77,9% | 71,5% | 59,8% | 90,5% |
| 1.6 Доруворӣ ва маҳсулотҳои тиббӣ барои ҳолатҳои фавқулодда | 84,8% | 93,3% | 76,8% | 95,1% |
| 1.7 СИИ МАНФ | 80,3% | 99,5% | 66,2% | 95,0% |

## Қисмати. 2 Солимии кӯдакон

Қисмати мазкур аз рӯи зеқисматҳои сифати ҳуҷҷатнигории тиббӣ, сифати эмгузаронӣ, сифати бақайдгири ва табобати норасогии ғизо, сифати ташхис ва табобати дарунравӣ байни кӯдакони то синни 5 сола, сифати ташхис ва табобати бемориҳои шадиди роҳи нафас байни кӯдакони то синни 5 сола арзёби карда мешавнд. Дар маҷмуъ, сифати хизматрасони тибби ба кӯдакон дар охири соли 2022 дар сатҳи МСД ва БС мутаносибан ба 90,0% ва 75,3% баробар шуд, ки муқоиса ба аввали соли 2021 ба 28,8% ва 31,0% зиед гардид. *Диаграмма.28*

*Диаграмма.28*




Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки аз шумораи умумии муассисаҳо 30% онҳо бо холҳои баланд арзёби карда шуданд, ки нисбат ба аввали соли 2021 28% зиед гардидинд. Дар баробари ин, коҳиши муассисаҳои бо холҳои паст дида мешавад (аз 44% то 2%). *Диаграмма.29*

*Диаграмма.29*




Мувофиқи натиҷаҳои верификатсиҳои гузаронида шуда, марказҳои саломатии деҳоти шаш ноҳияиҳои нави таҷрибави аз рӯи 7 зерқисмат бо холҳои баланд арзёби карда шуданд ва нисбат ба аввали соли 2021 раванди мусбат дида мешавад. Дар сатҳи бунгоҳҳои саломати афзоиши сифати хизматрасони ба кӯдакон дида мешавад ва дар охири соли 2022 сифати ташхис ва табобати бемориҳои дарунравӣ ва шадиди роҳи нафас бо холҳои миена ва сифати ҳуҷҷатгузории тиббӣ ва сифати эмкунӣ бо холҳои баланд арзёби карда шуд. *Ҷадвал.6*

*Ҷадвал.6*

| **Қисмати 2. Солимии кӯдакона** | ***МСД*** | | ***БС*** | |
|---|---|---|---|---|
| | *2021* | *2022* | *2021* | *2022* |
| 2.1. Ҳуҷҷатгузории тиббӣ | 93,4% | 100,0% | 87,2% | 98,4% |
| 2.2. Сифати эмкунӣ | 86,5% | 91,9% | 72,9% | 80,0% |
| 2.3 Сифати ошкорсозӣ ва табобати норасогии ғизо | 58,1% | 93,0% | | |
| 2.4 Сифати ташхис ва табобати дарунравӣ байни кӯдакони то синни 5 сола | 57,2% | 87,4% | 38,2% | 75,0% |
| 2.5 Сифати ташхис ва табобати бемориҳои шадиди роҳи нафас байни кӯдакони то синни 5 сола | 54,3% | 89,2% | 34,1% | 71,4% |

**Қисмати. 3 Солимии модарон**

Қисмати сеюми нишондиҳандаҳои сифатии МАНФ барои арзёбии сифати хизматрасони ба модарон истифода карда шудааст. Қисмати мазкур аз ду зерқисмат “Ҳуҷҷатгузории тиббӣ” ва “Сифати ташрифи аввалини пас аз таваллудӣ” иборат мебошад. Натиҷаҳои верификатсия нишон медиҳанд, ки

дар маҷмуъ афзоиши нишондиҳанда дар сатҳи МСД аз 85,1% то 95,8% ва дар сатҳи БС аз 75,6% то 87,9% дида мешавад. *Диаграмма.30*

*Диаграмма.30*




Аз шумораи умумии муассисаҳо дар охири соли 2022 86% бо холҳои баланд арзёби карда шуданд, ки нибат ба аввали соли 2021 18% зиед мебошад. Дар баробари ин, коҳиши муассисаҳо бо холҳои паст дида мешавад аз 11% дар аввали соли 2021 ва то 6% дар охири соли 2022. *Диаграмма.31*




Таҳлили зерқисматҳои қисмати мазкур нишон дод, ки дар ҳуҷҷатгузории тиббӣ ва сифати ташрифи аввалини пас аз таваллудӣ дар сатҳи баланд қарор дорад. *Ҷадвал.7*

*Ҷадвал.7*

| Қисмати 3. Солимии модарон | МСД | | БС | |
|---|---|---|---|---|
| | 2021 | 2022 | 2021 | 2022 |
| 3.1. Ҳуҷҷатгузории тиббӣ | 86,9% | 99,5% | 92,2% | 97,1% |
| 3.2 Сифати ташрифи аввалини пас аз таваллудӣ | 83,7% | 95,3% | 72,9% | 86,9% |

**Қисмати. 4 Бемориҳои ғайрисироятӣ**

Қисмати чоруми нишондиҳандаҳои сифатӣ дар сатҳи маркази саломатии деҳоти ноҳияҳои таҷрибавӣ баҳогузори карда машавад ва аз ду зерқисмат иборат аст аз ҷумла, ҳуҷҷатгузории тиббӣ ва сифати табобати фишорбаланди. Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки дар охири соли 2022 дар сатҳи маркази саломатии деҳот холи миенаи сифат ба 73,7% баробар шуд, ки муқоиса ба соли 2021 18,7% зиед шудааст. *Диаграмма.32*

*Диаграмма.32*




Дар асоси натиҷаҳои верфикатсия дар охири соли 2022 11% маркази саломатии деҳоти ноҳияҳои таҷрибави холҳои баланд ва 4% МСД холҳои сифатии паст гирифтанд. Дар маҷмуъ, муқоиса ба соли 2021 раванди мусбат дида мешавад. *Диаграмма.33*

*Диаграмма.33*




Таҳлили зерқисматҳои қисмати мазкур нишон медиҳад, ки дар охири соли 2022 нишодиҳандаҳои ҳуҷҷатгузории тиббӣ бо холҳои баланд ва сифати табобати фишорбаланди бо холҳои миёна арзеби карда шуд. Муқоиса ба аввали соли 2021 5,9% ва 19,5% мутаносибан зиёд гашт. *Ҷадвал.8*

*Ҷадвал.8*

| Қисмати 4. Беморихои ғайрисирояти | МСД | |
|---|---|---|
| | 2021 | 2022 |
| 4.1. Ҳуҷҷатгузории тиббӣ | 93,0% | 98,9% |
| 4.2 Сифати табобати фишорбаланди | 52,6% | 72,1% |

***Пардохтҳои МАНФ***

Аз рӯи натиҷаҳои верификатсия пардохтҳои МАНФ ба марказҳои саломатии деҳот, бунгоҳҳои саломатӣ ва кормандони онҳо пешниҳод карда ва пардохтҳо маблағҳоеро пурра мекунанд, ки ба таври нақшавӣ аз бӯҷети давлатӣ гирифта мешаванд. Мақсади пардохтҳо – баланд бардоштани ҳавасмандии кормандон ва беҳтар намудани сифати хизматрасониҳо мебошад, зеро ба кормандони муассисаҳои таҷрибавӣ пардахтҳои ҳавасмандгардонӣ аз рӯи натиҷаи меҳнат ва барои беҳтар намудани шароити хизматрасони дар муассисаҳои тиббӣ дода мешаванд. Қобили зикр аст, ки тамоми пардохтҳо аз ҳисоби МАНФ ба кормандони муассисаҳои тиббӣ дар асосӣ ҳисоботҳои ХНДТҲИА амали карда шудааст. Пардохти иловапулиҳо аз рӯи МАНФ ба ду қисмат тақсим гашта буд. Ин пардохтҳои иловапулӣ ба кормандони муассисаҳои тиббӣ (70%) ва фароҳам овардани шароити корӣ (30%). Аз ин рӯй ба кормандони муассисаҳои тиббӣ аз рӯи саҳми фардии ҳар як корманди тиббӣ ба алоҳидагӣ пардохтҳои МАНФ равона гаштаанд. Пардохтҳои мазкур дар асоси натиҷаҳои 7 нишондиҳандаҳои шуморави ва аз рӯи 789 нишондиҳандаҳо сифати 4 қисмат барои МСД ва 466 нишондиҳандаҳои сифат 3 қисмат барои БС пардохт карда шуд.

Аз аввали амалисозии Лоиҳа дар доираи маблағгузории дуюми иловаги муассисаҳои тиббии ноҳияҳои таҷрибавӣ аз ҳисоби МАНФ дар ҷамъи умуми 39 645 367 сомонӣ ба даст овардаанд.

*Диаграмма.34*



Чи тавре дар  Диаграмма.34 мушоҳида мегардад, дар семоҳаи дуюми соли 2021 маблағи ба дастомада – 4 196 719 сомониро ташкил медиҳад. Қобили зикр аст, ки маблағи мазкурро дар давраи ҳисоботӣ муассисаҳои тиббии 10 ноҳияи таҷрибавӣ ба даст овcovered. Дар семоҳаи чоруми соли 2021 нисбат ба семоҳаи сеюми соли 2021 маблағи ба дастомада аз рӯи МАНФ  дар ҳамаи муассисаҳои тиббии 16 ноҳияҳои таҷрибавӣ ру ба камшави дорад. Фарқияти он 932 696 сомониро ташкил додааст. Сабаби камшавии ҳаҷми маблағгузорӣ аз рӯи МАНФ ин вориднамоии тағйирот ба Дастурамал оид ба амалисозии МАНФ мебошад. Тибқи тағйироти воридгашта ба нишондиҳандаҳои миқдории МАНФ дар ноҳияҳои навинтихобгашта ҳаддӣ ниҳои ворид карда шуд. Сараввал ҳаддӣ ниҳои дар нишондиҳандаҳои МАНФ танҳо дар 10 ноҳияҳои таҷрибавии қаблӣ истифода мегашт.




Афзоиши ҳаҷми маблағгузорӣ аз рӯи МАНФ дар семоҳаҳои 1 ва 3 соли 2022 аз бахтаргардонии сифати хизматрасонӣ дар муассисаҳои тиббӣ дар ноҳияҳои навинтихобгашта шаҳодат медиҳад. Ба ҳисоби миёна дар давраи ҳисоботӣ (аз рӯи натиҷаи 7 давраи верификатсияи баргузоргашта) фарогири аз рӯи нишондиҳандаҳои МАНФ ба 52 фоиз ва беҳтаргардонии сифати хизматрасонӣ ба 48 фоиз баробар гаштааст.

Дар баробари ин, дастаҳои назоратӣ сарпарастӣ, ки дар Марказҳои саломатии ноҳиявӣ аз ҳисоби кормандони марказ таъсис дода шудааст зиёда аз 900 000 сомонӣ ба даст овардаанд. Дар 16 ноҳияҳои таҷрибавии Суғду Хатлон, ВМКБ ва ноҳияи Файзобод зиёда аз 4500 нафар кормандони шабакаҳои Кумаки аввалияи тиббию санитарии ноҳияҳои таҷрибавӣ ба амалисозии Маблағгузорӣ дар асосӣ натиҷаи фаъолият фаро гирифта шуда буданд. Дар ин давра ба кормандони тиббӣ дар асосӣ натиҷаҳои 6 даври верификатсияи дохилӣ (5 давра верификатсия дар ноҳияҳои навинтихобгашта ва 6 давра верификатсия дохила дар 10 ноҳияи таҷрибавии қаблӣ) – 21 846 454 сомонӣ мустақиман ба хар як корманд ба алоҳидаги иловапулиҳо (70%) пардохт карда шудааст. Бинобар сабаби ба миён омадани фарқияти қурби асъор ва кам гаштани маблағи банақшагирифташуда барои амалисозии пардохти иловапулӣ аз рӯи натиҷаи 7-ум даври верификатсияи дохила пардохтҳо қатъ карда шудаанд. Ба 389 нафар духтурон ба маблағи – 3 659 551

сомонӣ, ба 3 128 корманди миёнаи тиббӣ ба маблағи – 16 364 242 сомонӣ ва ба 1 009 корманди хурди тиббӣ ба маблағӣ – 1 822 661 сомонӣ пардохтҳои иловапули амали карда шудааст. Ҳаҷми иловапулии миёна ба духтур – 1 581 сомонӣ, ба 1 нафар кормандони миёнаи – 879 сомонӣ ва ба 1 нафар корманди хурд ба – 272 сомонӣ баробар гаштааст. Дар давраи ҳисоботӣ ба мақсади беҳтаргардонии сифатӣ хизматрасонӣ дар муассисаҳои тиббӣ, пардохтҳои МАНФ (30%) дар ҳаҷми – 7 783 300 сомонӣ пардохта шудааст. Пардохтҳои мазкур мустақиман ба худи муассисаҳои тиббии ноҳияҳои таҷрибавӣ тавассути кортҳои пластики амали карда шуд. *Дигармма.35*

*Дигармма.34*




Таҳлил нишон медиҳад, ки ҳаҷми зиёди маблағ дар давраи амалисозии Маблағгузорӣ дар асосӣ натиҷаи фаъолият аз ҳисоби маблағгузории иловагии 2 ба Лоиҳа ба ноҳияҳои таҷрибавии Ҳамадонӣ (769 123 сомонӣ), Ҷ.Балхӣ (767 674 сомонӣ), Кушониён (717 370 сомонӣ), Ёвон (707 185 сомонӣ) пардохта шудааст. Аз ҷадвал дида мешавад, ки ҳаҷми паст ба маблағӣ 48 130 сомонӣ ба ноҳияи Дарвози ВМКБ дар давраи ҳисоботӣ пардохт карда шудааст. Яке аз сабабҳои асосии паст будани ҳаҷми маблағгузорӣ дар ин ноҳияи таҷрибавӣ ин кам будани аҳолии вобасташуда ба муассисаҳои тиббӣ, ки бо хизматрасонй аз рӯи нишондиҳандаҳои МАНФ фаро гирифта мешаванд.

Қобили зикр аст, ки мувофиқи фармоиши Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 августи соли 2022, таҳти № 625 пардохтҳо барои фароҳам овардани шароити корӣ барои беҳтаргардонии сифати хизматрасонӣ (30% пардохтҳои МАНФ) бинобар сабаби ба миён омадани фарқияти қурби асъор (талафи маблағи банақшагирифташуда барои пардохт) ва ноил гаштан ба мақсади пешбинигашта аз рӯи иҷрои

нишондиҳандаҳои сифатии МАНФ маблағгузории мазкур ба ноҳияҳои қаблӣ (дар вилояти Суғд ба ноҳияҳои Спитамен, Ҷ.Расулов, Мастчоҳ ва Деваштич, дар вилояти Хатлон ноҳияҳои Данғара, Фархор, Ҷ.Балхӣ, Қубодиён ва Ёвон, дар НТМ ноҳияи Файзобод) аз семоҳаи дуюми соли 2022 маблағгузории муассисаҳои тиббӣ пурра қатъ карда шудаанд.

*Дигармма.36*




Аз рӯи таҳлили гузаронидашуда оид ба истифодаи маблағҳои 30% МАНФ аз тарафи муассисаҳои тиббии ноҳияҳои таҷрибавӣ муайян карда шуд, ки барои пушонидани харочотҳои коргузорӣ ва идоравӣ 46,5 фоиз аз ҳаҷми умумӣ харочот карда шудааст. Харочот барои хариди доруворӣ - 7,3 фоизро ташкил додааст. Харочотҳо барои хариди таҷҳизот – 10,4 фоиз, харочот барои таъмири таҷҳизот ва нақлиёт – 0,7 фоиз, харочот барои хариди сузишворӣ – 0,5 фоиз, харочот барои гузаронидани таъмири ҷорӣ – 21,2 фоиз, харочот барои хариди таҷҳизот ва маводи тиббӣ – 4,3 фоиз ва барои пушонидани харочоти ғайра – 9,1 фоиз маблағҳо истифода карда шудаанд. *Дигармма.36*

Дар баробари ин, бо мақсади таъмини устувории механизми маблағгузории МАНФ инчунин бо тавсияи Бонки Умумиҷаҳонӣ дар муассисаҳои тиббӣ чораҳои зарурӣ ба монанди вориднамоии ҳадди ниҳои ба нишондиҳандаҳои МАНФ, ки ба паст кардани ҳаҷми иловапулӣ таъсир дошт амали гашта шуд. Аммо, бинобар сабаби ба миён омадани фарқияти қурби асъор ва пурра аз худ шудани маблағҳо барои пушонидани харочотҳо дар зерқисмати “Пардохтҳои МАНФ” доир ба қисмати 1 (МАНФ), амалисозии пардохтҳои иловапулӣ ба кормандон ва муассисаҳои тиббии ноҳияҳои таҷрибавӣ аз ҳисоби давраи семоҳаи чоруми соли 2022 ғайри имкон мебошад. Бинобар ҳамин мактуб аз номи Директори Лоиҳа, Вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба унвони Роҳбарони КАТС-и ноҳияҳои таҷрибавӣ равона карда шуд.

Дар рафти амалисозии “Маблағгузорӣ дар асосӣ натиҷаи фаъолият” дар доираи Лоиҳаи “Беҳтар намудани хизматрасонии тиббӣ” кормандони муассисаҳои тиббии ноҳияҳои таҷрибавӣ ба мушкили оид ба бурдани баҳисобгирии муҳосибӣ дучор гаштанд. Бояд қайд намуд, ки идоракунии молиявии шабакаи Кумаки аввалияи тиббию санитарӣ дар сатҳи Маркази саломатии ноҳиявӣ тариқи шуъбаи муҳосибот, марказонидашуда фаъолият менамояд. Ҳангоми маблағгузории муассисаҳои тиббӣ аз рӯи МАНФ, бо мақсади мустақилият додан ба муассисаҳои тиббӣ маблағҳои МАНФ аз тарафи Лоиҳа ба худи муассисаҳои тиббӣ (ба МСН, МСН ва БС) таввасути кортҳои пластики ба роҳ монда шуд ва бинобар сабабӣ дар боло зикргардида дар раванди иҷроиши амалиётҳои молиявӣ ба камбудиҳо дида мешуд. Аз тарафи кормандони Лоиҳа (сатҳи маркази ва вилояти) мунтазам корҳои фаҳмондадиҳи оид ба истифодаи дурусти маблағҳо барои фароҳам овардани шароити корӣ ба кормандонӣ муассисаҳои тиббӣ корҳои фаҳмондадиҳи ва кумаки таҷрибавӣ гузаронида мешуд

*Баланд бардоштани иҷтидории кадрии Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ*

Бо мақсади баланд бардоштани иқтидор ва нерӯи кадрии Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ҷиҳати омодагӣ ба сатҳи милли тавассути зиед намудани гуруҳҳои верификатсиони, супоридани тартиби верификатсияи МАНФ ва таҳияи як воситаи умумӣ барои арзёбии хизматрасони ва идоракунии КАТС Лоиҳа чорабиниҳои зеринро амалӣ намуд;

1. ***Давраҳои омӯзишӣ***

Бо мақсади баланд бардоштани иқтидор ва нерӯи кадрии мутахассисоне, ки барои гузаронидани баҳогузорӣ ва назорати сифати хизматрасонии тиббӣ дар сатҳи шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ масъуланд, даври бозомӯзии кутоҳмуддат баргузор гардид. Ҳадаф аз бургузории даври омӯзишии мазкур ин беҳтар намудани малака ва таҷрибаи мутахассисони дастгоҳи маркази Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ. Таваҷҷуҳи асосии омӯзиш ба мавзӯъҳои консепсияи умумии сифати хизматрасонии тиббӣ, назорати сифати хизматрасонӣ, экспертизаи сифати хизматрасонии тиббӣ, нишондиҳандаҳои сифат ва аккредитатсияи муассисаҳои тиббӣ равона карда шуд. Даври бозомӯзии мазкур аз 5-ум то 9-уми декабри соли равон аз ҷониби мутахассиси Маркази миллии илмии рушди тандурустӣ ба номи “Салидат Каирбекова”–и Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Қазоқистон бо

фарогирии 21 нафар гузаронида шуд. Дар баробари ин, мутахассисони Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар омӯзишии назариявӣ ва амалӣ дар шаҳри Нур-Султони Ҷумҳурии Қазоқистон оид ба таҷрибаи системаи аккредитатсияи муассисаҳои тандурустӣ, ташриф ба Маркази аккредитатсияи тиббӣ ва якчанд муассисаҳои тандурустии сатҳи шаҳрӣ ва ноҳиявии Ҷумҳурии Қазоқистон иштирок намуданд.

2. ***Аккредитатсия***

Бо мақсади омода намудани муассисаҳои тандурусти барои гузаштан аз аккредитатсияи тиббии расмӣ, ҷавобгӯй будан ба саннадҳои меъерии ҳуқуқии танзимкунандаи саҳавӣ, риояи ҳуқуқи табобатгирандагон, таъмини бехатари ҳангоми кӯмаки тиббӣ ва беҳтар намудани сатҳ ва сифати хизматрасонии тиббӣ, ҷиҳати иҷрои Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 сентябри соли 2014 №600 "Дар бораи масъалаҳои аккредитатсияи муассисаҳо, ташкилотҳо ва корхонаҳои тандурустӣ" чорабиниҳои зерин иҷро карда шуд;

- Таҳия ва тасдиқ намудани "Дастурамали тавсиявӣ, омӯзишӣ ва баҳогузорӣ барои ноил гаштан ба "Пайравӣ ба аккредитатсияи тиббӣ" (тавсияҳои методи барои омода намудани муассисаи тандурусти ба расмиёти аккредитатсия, худбаҳодиҳи ва баҳогузории беруна) дар марказҳои саломатии деҳот ва бунгоҳҳои саломати ва шакли "Гувоҳномаи пайравӣ ба аккредитатсияи тиббӣ. Фармоиши ВТҲИА ҶТ аз 03.01.2023 № 01
- Бо мақсади гузаронидани чорабиниҳои тавсиявӣ, омӯзишӣ ва баҳогузорӣ барои ноил гаштан ба ба "Пайравӣ ба аккредитатсияи тиббӣ" дар 37 маркази саломатии деҳоти сохташуда дар доираи Лоиҳаи "Беҳтар намудани хизматрасонии тиббӣ" Созишнома байни Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон баста шуд. Дар асоси Созишномаи мазкур ва тибқи формаиши Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 марти соли 2023 №15 чорабини мазкур дар 37 маркази саломатии деҳот гузаронида шуд.

3. ***Беҳтар намудани базаи моддию техники***

Дар доираи маблағгузории дуюми иловагии Лоиҳа бо мақсади амали намудани тартиби баррасии муроҷиатҳо ва гузаронидани верификатсияи дохила Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ бо таҷҳизотҳои сервери ва компютери таъмин карда шуданд. Дар барорбари ин,

бо мақсади гузаронидани баҳодиҳи ва санҷиҳо ду адад автомашинаи хизмати харидори карда шуданд.

## 4. *Таҳияи системаи итилотии идоракунии сифати хизматрасони*

Бо мақсади таъмини устувории системаи иттилоотии идоракунии МАНФ ва дар оянда истифодаи он ба Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ барои гузаронидани санҷишҳо (баҳодиҳи) оид ба фаъолияти муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитари ва раванди аккредитатсияи онҳо супорида мешавад. Таҷрибаи кор бо системаи иттилоотии идоракунии МАНФ, кормандони Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар раванди татбиқи Лоиҳа ба даст овардаанд, ин имкон медиҳад, ки раванди аккредитатсия ҷамъовари, таҳлили маълумотҳо ва сифати санҷишро беҳтар намояд. Бо ин мақсад бо дастгири Лоиҳа бо назардошти хусусиятҳои фаъолияти Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва талаботҳои тасдиқшуда оид ба аккредитатсияи муассисаҳои тиббӣ дар шабакаи КАТС воситаи арзёбии сифати хизматрасонӣ таҳия карда шуд. Дар баробари ин, бо мақсади мутобиқгардонии воситаи арзёбии сифати хизматрасонӣ ба системаи иттилоотии идоракунии МАНФ шартнома бо мушовири байналмилали Латипов Мурод баста шуд. Тибқи шартномаи мазкур корҳои зерин иҷро карда шуд;

- Навсозии системаи иттилоотии идоракунии DHIS-2 то шакли охирон
- Ворид намудани тағиротҳо дар системаи иттилоотии идоракунии МАНФ тибқи Дастурамал оид ба назорати сифати хизматрасони, ки дар сатҳи КАТС пешниҳод мегардад.
- Таҳияи панели идоракуни оид ба ворид намудани тағиротҳо ба системаи иттилоотии идоракуни аз тарафи истифодабаранда.
- Навсозии дастурамал оид ба истифодаи системаи иттилоотии идоракуни.
- Насб ва интиқоли пойгоҳи додаҳои системаи иттилоотӣ ба таҷҳизоти нави серверӣ бо мақсади супоридани он ба Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ.
- Гузаронидани даври омӯзиши оид ба истифодабарии системаи иттилоотии идоракуни.

### *Тартиби баррасии мурофиатҳо*

Таҳия ва амали намудани “Тартиби баррасии мурофиатҳо” яке аз чорабиниҳои асосии Лоиҳа, ки дар доираи чорабиниҳои банақшагирифташуда оид ба МИ-2 ва дар Дастурамали идоракунии лоиҳа инъикос ва тасдиқ шудааст. Механизми баррасии мурофиатҳо / шикоятҳо (МБШ) -и шахсони

воқеъӣ, аз ҷумла манфиятгирандагон Лоиҳа тибқи меъёрҳои амалкунандаи байналмилалӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда шуд ва бо мақсади татбиқи механизми баррасии шикоятҳо барои расонидани кӯмакӣ техникӣ оид ба таҳияи сомонаи махсус шартнома бо соҳибкори инфироди Юрий Пак бо маблағи 244 574,32 сомони баста шуд. Аз ҷониби оҳибкори инфироди сомонаи https://grm.tj таҳия карда шуд. Бо мақсади дар амал истифода намудани "Тартиби баррасии муроҷиатҳо" омӯзиш доир ба системаи электронии механизми мазкур бо иштироки 10 нафар мутахассисони Дастгоҳои марказии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва Сарраёсатҳои Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар вилотҳои Суғд, Хатлон ва ВМКБ аз тарафи таҳиягарони системаи электрони гузаронида шуд. Дар баробари ин, бо мақсади амалисозии тартиби баррасии муроҷиатҳо Созишнома байни Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ оид ба чараёни рушди ҳукумати электронӣ, бо назардошти қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ" инчунин, бо мақсади ворид гардидани системаи электронии мурочиати шаҳрвандон дар соҳаи тандурустӣ, ки аз ҷониби Лоиҳаи "Беҳтар намудани хизматрасонии тиббӣ" дастгирӣ мегардад баста шуд. Инчунин, барои коркарди маълумотҳо ва иртибот дар сатҳи вилояти ва марказии Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ телефонҳои боварӣ таъсис дода шуданд. Барои фаъолияти телефони бовари шлюзи телефонӣ, каммутаторҳо, IP-телефон ва телефон харидорӣ ва насб карда шуданд. Барои ин механизм бо провайдери "Вавилон-Т" низ шартнома баста шудааст. Инчунин, маводҳои иттилоотии чопӣ, аз ҷумла варақаи иттилоотӣ (1000 нусха) ва буклетҳо (50 000 нусха) таҳия ва чоп карда ба 16 ноҳияҳои таҷрибавӣ ва Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ дастрас карда шуд. Дар ин маводҳои иттилоотӣ суроға, рақами телефонҳо барои тамос, суроғаи почтаи электронӣ ва нишонаи сомонаи электронӣ барои аҳолии кишвар пешниҳод карда шудааст. Аз аввали истифодаи сомонаи мазкур (https://grm.tj) 136 муроҷиат ба қайд гирифта шудааст, ки аз он ба 80 муроҷиат ҷавоб гардонда шуд, 4 муроҷиати дигар дар раванди коркард буда, ду муроҷиат ба сохторҳои дигар равона карда шуд. 30 мурочиати дигар дар раванди қабул қарор дорад.

*Кортҳои шаҳрвандӣ*

Бо мақсади ҳамкорӣ бо ҷомеа ва баланд бардоштани масъулияти роҳбарон ва кормандони соҳаи тандурустӣ, дар доираи МИ-2 механизми кортҳои шаҳрвандӣ дастгири карда мешавад. Механизми мазкур тибқи дастурҳои аз

нав дида баромадашуда дар асоси таҷриба ва омӯзиш дар доираи Лоиҳа тақвият дода мешавад ва ин механизми тақвиятёфта дар ноҳияҳои нави лоиҳа татбиқ карда мешавад. Дар доираи ин чорабиниҳо аҳолии деҳот метавонад бидуни ширкати табибон дар бораи муваффақияту камбудиҳои соҳа ва сифати хизматрасонӣ андешаву пешниҳодҳои худро таввасути пурсишномаҳои таҳияшуда иброз кунанд.

Бо мақсади татбиқи механизми мазкур бо ташкилотҳои ҷамъиятии “Умедбахш” барои баргузории вохӯриҳо дар ноҳияҳои таҷрибавии вилояти Хатлон, ноҳияҳои Дарвозу Файзобод ва «Субхи тандурустӣ» барои вохӯриҳо дар ноҳияҳои таҷрибавии вилояти Суғд қарордодҳо баста шуданд. Бояд гуфт, ки воситаҳои асосие, ки дар доираи ин механизм истифода мешуданд ин саволнома бо меъёрҳои асосии арзёбии нишондиҳандаҳои сифати муассисаҳои тиббӣ барои муҳокимаи алоҳида бо шаҳрвандон ва кормандони соҳаи тиб, платформаи Kobotoolbox барои мониторинги ҷамъовари ва ворид намудани маълумотҳо истифода шуд. Вохӯриҳои мазкур дар 264 маркази саломатии деҳот бо фарогирии 14783 нафар дар ду марҳила аз ҷумла, 4893 нафар кормандони тиб ва 9890 нафар аҳолии вобасташуда гузаронида шуд.

***Натиҷаҳои асосии вохӯриҳои гузаронида шуда.***

*Дигармма.37*




Вохӯриҳои мазкур дар 264 маркази саломатии деҳот бо фарогирии 14783 нафар дар ду марҳила аз ҷумла, 4893 нафар кормандони тиб (742 нафар табиб ва 4151 нафар корманди миёнаи тиб) ва 9890 нафар аҳолии вобасташуда гузаронида шуд. *Дигармма.37*

Аз рӯи тақсимоти ҷинсӣ занон дар байни иштирокчиёни ду марҳилаи вохӯриҳо бартарӣ доранд, ки 11899 нафар ё 80,5%-и ташкил медиҳанд, 2884 нафар ё 19,5%-и боқимонда мардон мебошанд. Аз ҷумла, таҳлили тақсимоти гендерӣ дар байни кормандони тиб нишон дод, ки занон 78 фоиз ва 22 фоиз мардон мебошанд. Фоизи зиёди занон дар байни кормандони тиб аз хисоби кормандони тибби ташкил менамоянд. Дар тақсимоти гендерии иштирокчиён дар байни табибон бошад мардон бартарӣ доранд, ки 63% ва занон 37% -ро ташкил медиҳанд. *Дигармма.38*

*Дигармма.38*







*Таҳлили нишондиҳандаҳо аз рӯи натиҷаҳои саволномаҳои "Корти шаҳрванди"*

Дар доираи механизми мазкур сифати хизматрасониҳо аз рӯи 4 қисмат баҳогузори карда шуд. Аз ҷумла, аз ҷониби аҳоли ба ҳисоби миёна аз 72% то 82% ва аз тарафи кормандони тиб аз 75% то 83% баҳогузори карда шуд. Натичаҳои пурсишномаҳо аз руи чор қисмат дар чадвали 9 дарҷ карда шудааст.

*Ҷадвали.9Баҳогузории сифати хизматрасони*

| № | Нишондиҳанда | Аҳоли | | Кормандони тибб | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | Даври- 1 | Даври -2 | Даври- 1 | Даври -2 |
| **1.** | Шароити умуми | 68% | 79% | 64% | 76% |
| **2.** | Хизматрасониҳо ба модару кӯдак | 63% | 70% | 65% | 71% |
| **3.** | Хизматрасонӣ оид ба пешгирӣ ва табобати бемориҳои музмин | 77% | 85% | 79% | 86% |
| **4.** | Ташриф ба хонаводаҳо | 91% | 96% | 95% | 97% |

Дар доираи "Корти шаҳрванди" дар давраи якуми вохуриҳо дар асоси натиҷаҳои савлномаҳо нақша чорабиниҳо барои беҳтар намудани сифати хизматрасони омода карда шуданд. Пеш аз оғозӣ даври дуюм аз тарафи ташкилотҳои ҷамъияти мониторинг иҷроиши нақша чорабиниҳо гузаронида шуд. Тахлили накшахо чорабинихо нишон дод, ки 99% муассисахои тиббй қисман е пурра иҷро намудани ва 1% муассисаҳо иҷро накардан. *Дигармма.39*

*Дигармма.39*




Ин механизм имкон дод, ки аҳолии маҳаллӣ дар қабули нақшаҳои кории МСД иштирок намуда, аз ба сифати хизматрасонии тиббӣ дар маҳалли зисти худ баҳогузорӣ карда, дар бартараф намудани ин камбудиву норасоиҳо саҳм дошта бошанд. Ба кормандони тибб имкон дод, ки ҳарчи бештар ба аҳоли наздик бошанд ва аз ниёзҳои онҳо огоҳ шаванд.

## Қисмати 2. Пурзӯр намудани муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ (КАТС):

### Зерқисмати 2.1 Такмили сифат.

Зерқисмати мазкур барои баланд бардоштани иқтидори кадрии кормандони кӯмаки аввалияи тиббию санитарии ноҳияҳои таҷрибавӣ тавассути гузаронидани омӯзишҳо равона карда шудааст, аз ҷумла: даврҳои омӯзишии шашмоҳа аз рӯи ихтисоси "Тибби Оилавӣ", идоракунии маълумоти оморӣ ва бехатарии нобудсозии партовҳои тиббӣ дар сатҳи МСД, давраҳои омӯзишӣ барои роҳбарони КАТС-и ноҳияҳои таҷрибавӣ оид ба тахассуси "Менеҷменти тандрустии ҷамиятӣ", даврҳои омӯзишии муттасил оид ба протоколҳои клиникии боздидшуда ва даврҳои омӯзишии дусола барои резидент (ординаторҳои клиникии тибби оилавӣ) хатмкунандагони Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино" оид ба ихтисоси тибби оилавӣ.

***Дар давраи ҳисоботӣ дар доираи зерқисмати мазкур бо мақсади амалисозии чорабиниҳои банақшагирифташуда дар доираи маблағгузории дуюми иловагии Лоиҳа корҳои зерин иҷро карда шуданд;***

*Даврҳои омӯзишии шашмоҳа аз рӯи ихтисоси “Тибби Оилавӣ”*

Бо мақсади баланд бардоштани иқтидори кормандони муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарии ноҳияҳои таҷрибавӣ ва таъмин намудани он бо мутахассисони тибби оилавӣ Созишнома оид ба гузаронидани даврҳои омӯзишии шашмоҳа аз рӯи ихтисоси “Тибби Оилавӣ” барои табибон ва кормандони миёнаи тиб бо Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон/Лоиҳаи «Беҳтар намудани хизматрасонии тиббӣ» ва Марказҳои ҷумҳуриявӣ ва вилоятии таълимию клиникии тибби оилавӣ баста шуд. Дар асоси Созишномаи мазкур тибқӣ фармоишҳои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ду давраи омӯзишии шашмоҳа аз рӯи ихтисоси “Тибби Оилавӣ” дар Марказҳои вилоятии таълимию клиникии тибби оилавии Суғду Хатлон, Маркази байниноҳиявии таълимию клиникии тибби оилавӣ ш.Кӯлоб ва аз ҳисоби ташкили даври сайёри бозомӯзӣ аз тарафи омӯзгорони “Маркази вилоятии таълимию клиникии тибби оилавӣ” дар ш.Хоруғи ВМКБ бо фарогирии 281 нафар кормандони тиб гузаронида шуд. Аз он ҷумла, дар вилояти Хатлон 201 нафар (24 табиб ва 177 корманди миёнаи тиб), дар вилояти Суғд 56 нафар (9 табиб ва 47 корманди миёнаи тиб) ва 24 нафар корманди миёнаи тиб дар ноҳияи Дарвоз. Аз шумораи умумии иштирокчиён 248 нафар (88,3%) кормандони миёнаи тиб ва 33 нафар (11,7%) табибон мебошанд. Аз рӯи тақсимоти ҷинсӣ занон дар байни иштирокчиёни омӯзиш бартарӣ доранд, ки 209 нафар ё 74%-и кормандони тиббиро ташкил медиҳанд, 72 нафар ё 26%-и боқимонда мардон мебошанд.

Даври омӯзиши тавассути барномаи таълимии тасдиқшуда барои табибон, ки аз 24 модул ва барои кормандони миёнаи тиб 18 модул иборат мебошад, омӯзиш гузаронида шуд. Дар баробари ин, барои муайян намудани сатҳи азхудкунии донишҷӯён ва сифати таълим пеш аз даври омӯзишӣ бо тариқи пурсишнома санҷиш гузаронида шуд. Бояд қайд кард, ки бо назардошти чорабинии умумиҷумҳуриявӣ, ҷалб намудани бозомӯзон дар маъракаи эмгузаронӣ барои пешгирии беморӣ нави сироятии COVID-19 бомуваффақият амалӣ карда шуд. Инчунин, аз тарафи супервайзерони Маркази ҷумҳуриявии таълимию клиникии тибби оилавӣ мониторинги раванди бозомӯзии табибон ва кормандони тиб гузаронида шуд. Дар раванди мониторинги сифати ташкил ва гузаронидани омӯзишҳои назариявӣ ва амалӣ, сифати дониш ва малакаи амалии ба даст овардаи бозомӯзон, сатҳи дар дарсҳо иштирок намудани бозомӯзон, дуруст ба роҳ мондани ҳуҷҷатҳои таълимӣ ва бақайдгирии бозомӯзон ва раванди супоридани имтиҳонҳои назариявӣ (тавассути тестҳо) ва амалӣ (тавассути имтиҳони клиникӣ) арзёбӣ карда шуд. Бояд қайд намуд, ки аз тарафи Лоиҳа давраи омӯзиш бо молҳои конселярӣ, борхалтаҳои тиббӣ барои табибон ва кормандони миёнаи тиб ва воситаҳои

муҳофизати инфиродӣ таъмин карда шуданд. Давраҳои омӯзишии шашмоҳа аз рӯи ихтисоси "Тибби Оилавӣ" бо супоридани имтиҳонҳои хотимавӣ ба охир расид. Дар ҷараёни таълим бо сабаби ҳозир нашудан ба омӯзиш як табиб аз ноҳияи А.Ҷомӣ ва як корманди миёнаи тиббии аз ноҳияи Кӯлоб бинобар муҳоҷират ба Федератсияи Русия хориҷ карда шуданд. Аз шумораи умумии бозомӯзии ба нақша гирифташуда 98,6 фоизро ташкил медиҳад, яъне аз 283 нафар кормандони соҳаи тиб 281 нафар кормандони соҳаи тиб такмили ихтисос гирифтанд.

***Натиҷаҳои санҷиши даври якум***

| **Вилоят** | Табибон | | Кормандони тибб | |
|---|---|---|---|---|
| | *Пештест* | *Тести хотимавӣ* | *Пештест* | *Тести хотимавӣ* |
| Хатлон | 38,8% | 78,8% | 48,6% | 82,7% |
| Суғд | 44,1% | 79,4% | 55,5% | 81,2% |
| ВМКБ | - | - | 54,0% | 97,0% |
| **Ҳамагӣ** | **41,4%** | **79,1%** | **52,7%** | **87,0%** |

***Натиҷаҳои санҷиши даври дуюм***

| **Вилоят** | Табибон | | Кормандони тибб | |
|---|---|---|---|---|
| | *Пештест* | *Тести хотимавӣ* | *Пештест* | *Тести хотимавӣ* |
| Хатлон | 32,2% | 87,9% | 35,8% | 81,7% |
| Суғд | 40,6% | 78,8% | 47,6% | 89,4% |
| ВМКБ | | | 54,0% | 97,0% |
| **Ҳамагӣ** | **34,5%** | **85,4%** | **37,7%** | **82,9%** |

### *Давраҳои омӯзишӣ барои роҳбарони КАТС-и ноҳияҳои таҷрибавӣ оид ба тахассуси "Менеҷменти тандрустии ҷамиятӣ"*

Дар доираи такмили ихтисоси роҳбарони шабакаи КАТС-и ноҳияҳои таҷрибавӣ оид ба идоракунии соҳаи тандурустӣ, бо роҳи пешниҳоди донишҳои зарурӣ оид ба менеҷмент, маблағгузории тандурустӣ, идоракунии захираҳои кадрӣ, сифати хизматрасонӣ, суғуртаи тиббӣ ва омори тиббӣ, таълим тавассути барномаи инноватсионии аз рӯи ихтисоси « Менеҷменти тандрустии ҷамиятӣ» дар заминаи Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломӣ дар соҳаи тандурустӣ ба нақша гирифта шудааст. Бо мақсади иҷроиши чорабинии мазкур Созишнома байни Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон/Лоиҳаи «Беҳтар намудани хизматрасонии тиббӣ» ва Муассисаи давлатии таълимии "Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва тибқи фармоиши ВТҲИА ҶТ №564 аз 30.06.2021 даври бозомӯзии яксола тибқи барномаи таълимии ихтисосгирии (бозомӯзии касбӣ) иноватсионӣ дар шакли омӯзиши рӯзона/ғоибона аз рӯи ихтисоси "Менеҷменти тандрустии ҷамиятӣ", бо

фарогирии 16 роҳбарон/муовинони КАТС-и ноҳияҳои таҷрибавии Лоиҳа дар заминаи таълимии ДТБКСТ тавассути барномаи таълимии тасдиқшуда аз рӯи 10 модул гузаронида шуд.  Омӯзишӣ мазкур дар моҳи апрели соли 2023 анҷом ёфта дар маҷмӯъ 16 нафар роҳбарони кӯмаки аввалияи тиббию санитарии ноҳияҳои таҷрибавӣ бо ин омӯзиш фаро гирифта шуда, соҳиби дипломи «Менеҷери тандурустии ҷамъиятӣ» гардиданд. Барои гузаронидани шакли омӯзиши фосилавӣ (дистансионӣ) аз тарафи Лоиҳа модемҳо бо ҳаҷми зарурии интернет ва барномаи Zoom харидорӣ шуда, ба 6 омӯзгор ва 16 шунаванда дастрас карда шуданд.

*Даврҳои омӯзишии дусола барои резидент (ординаторҳои клиникии тибби оилавӣ) хатмкунандагони Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино” оид ба ихтисоси тибби оилавӣ*

Қобили зикр аст, ки барои рушд ва таҳкими институти тибби оилавӣ дар кишвар шарикони рушд, яъне Лоиҳаҳои «Ислоҳоти маълумоти тиббӢ” ва баъдан Лоиҳаи “Сино” бо дастгирии молиявии Агентии Швейтсария оид ба ҳамкорӣ, дар муддати зиёд  дар таҳия ва ҷорӣ намудани барномаи дусолаи миллии аспирантура дар соҳаи тибби оилавӣ (бо номи барномаи PUST шинохта шудааст) саҳм гузоштаанд. Оҷонси Швейтсария оид ба ҳамкориҳо бинобар ба охир расидани Лоиҳаҳо дар ин самт фаъолияташро анҷом додааст. Барои ба итмом расонидани раванди гузариш ба маблағгузории миллӣ ва идоракунии он аз ҷониби давлат тасмим гирифта шуд, ки ин даври  омузишӣ дар доираи маблағгузории дуюми иловагии Лоиҳаи «Беҳтар намудани хизматрасонии тиббӣ» дастгирӣ карда шавад.

Бо мақсади амали намудани чорабинии мазкур Созишнома байни Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон/Лоиҳаи «Беҳтар намудани хизматрасонии тиббӣ» ва Муассисаи давлатии таълимии “Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон” доир ба гузаронидани омӯзиши дусолаи хатмкунандагони ДДТТ ба номи Абу Али Ибни Сино аз рӯи ихтисоси тибби оилавӣ дар ординатураи клиникӣ ба имзо расид. Омӯзиши мазкур таввасути барномаи тасдиқшуда 18 модули таълимӣ дар давоми 2 соли таҳсил гузаронида мешавад. Дар доираи маблағгузории дуюми иловаги омӯзиш аз рӯи 13 модулҳо  (“Сиҳатии ҷомеа”, “Гериатрия”, “Муқаддимаи тибби оилавӣ”, “Бемориҳои дарунии шадид ва музмини зуд-зуд рухдиҳанда”, “Назорат ва нигоҳубини кӯдакон.Тибби наврасон”, “Акушери ва гинекологи, банақшагирии оила”, “Ҷарроҳии амбулаторӣ ва травматология. Шиками шадид”, “Бемориҳои сироятӣ”, «Бемориҳои пӯст.ВНМО/БПНМ», «Неврология», "Синдроми чашми сурх", “Ҳолатҳои фавқулодда дар таҷрибаи

табиби оилавӣ” ва “Бемориҳои илтиҳоби гулӯ ва синуситҳо. Синдроми дарди гӯш” ) барои 15 нафар гузаронида шуд. Инчунин, барои 2 нафар ординаторони клиникӣ барои соли якуми омӯзиш қабул карда шуда, омӯзиш аз рӯи модулҳои “Гериатрия”, “Муқаддимаи тибби оилавӣ” , “Бемориҳои дарунии шадид ва музмини зуд-зуд рухдиҳанда” “Назорат ва нигоҳубини кӯдакон. Тибби наврасон” гузаронида шуда ва омӯзиш аз рӯи модули “Акушери ва гинекологи, банақшагирии оила” идома дорад.

*Давраҳои омӯзишии муттасил барои кормандони марказҳои саломатии деҳот ва бунгоххҳои саломатии ноҳияҳои таҷрибавӣ*

Таҳсилоти муттасили тиббӣ (ТМТ) маҷмӯи чорабиниҳои таълимиро дарбар мегирад, ки мутахассисони тибби оилавӣ имконият медиҳад дониш ва малакаҳои касбии худро дар давоми тамоми фаъолияти касбӣ такмил ва азнав кунанд. ТМТ ба принсипҳои зерин такя мекунад: инфороднокӣ, муттасилият, ҳамкорӣ бо ташкилотҳои тандурустии касбӣ, истифодабарии васеи технологияҳои фосилавӣ ва таҳсили электронӣ, ташаккул додани рухсори (портфолиои) инфиродӣ аз ҷониби мутахассисон. Ҳамин тариқ, дар назар аст, ки барномаи таълимӣ дар доираи бахши ТМТ шаклҳо ва усулҳои гуногуни таълимиро дарбар мегирад, ки ҳам дар заминаи муассисаҳои таълимӣ ва ҳам дар ҷойи корӣ ва мустақилона гузаронида мешаванд.

Бо мақсади амали намудани чорабинии мазкур аз ҷониби лоиҳа мизи мудаввар оид ба баррассии масъалаҳои рушди муттасили касбӣ/таҳсилоти муттасили тиббии мутахассисони тибби оилавӣ дар ҷумҳурӣ бо муассисаҳои таълимии соҳаи тандурустӣ ва шарикон оид ба рушд бо мақсади татбиқ намудани «Консепсияи таҳсилоти муттасил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2023» ва Тартиби рушди муттасили касбӣ/таҳсилоти муттасили тиббии мутахассисони тибби оилавӣ дар Ҷумҳурии Тоикистон (аз 16.06.2020, №444) гузаронида шуд. Дар асоси резолютсияи мизи мудаввар бо мақсади амали намудани тартиби рушди муттасили касбӣ/таҳсилоти муттасили тиббии мутахассисони тибби оилавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гуруҳи кории байнисоҳавӣ дар назди Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил карда шуд. Инчунин, бо мақсади гузаронидани таҳсилоти муттасили тиббӣ (ТМТ) созишнома бо Маркази ҷумҳуриявии таълимию клиникии тибби оилавӣ баста шуд. Дар асоси Созишнома тибқи фармоиши Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи амалисозии Таҳсилоти муттасили тиббӣ дар ноҳияҳои таҷрибавӣ” № 592 аз 13.08.2022 дар 6 ноҳияҳои таҷрибавӣ оғоз гардид. Тибқи нақшаи тасдиқгардида дар марҳилаи аввал дар ноҳияҳои таҷрибавӣ супервайзерон аз сатҳи Марказ ва фасилитаторон дар сатҳи маҳал интихоб шудаанд, саволнома таҳия гардид ва ҷувздонҳо (портфолио) (Тартиб, дафтари

бақайдгирии соатҳои кредитӣ, дафтари нақшавӣ) оид ба  ТМТ омода гардиданд. Дар ноҳияҳои таҷрибавӣ вохурӣ бо роҳбарони шабакаҳои КАТС ва мутахассисони тибби оилавӣ гузаронида шуда, пешниҳоди маълумот доир ба мақсад ва вазифаҳои ТМТ, оиди сомонаи ТМТ, ҳуҷраи инфиродӣ, масъалаҳо оид ба мақсад ва вазифаҳои Таҳсилоти муттасили мутахассисони тибби оилавӣ, тартиб ва чорабиниҳои ТМТ ва масъалаҳои дар назди мутахассисон гузошта баррасӣ гардид. Аз ҷониби роҳбарияти  шабакаҳои КАТС-и ноҳияҳои таҷрибавӣ руйхати иштирокчиён тибқи талабот омода гаша ба Муассисаи давлатии "Маркази ҷумҳуриявии таълимию клиникии тибби оилавӣ" пешниҳод карда шуд. Дар умум 116 нафар мутахассисони тибби оилавии ноҳияҳои таҷрибавӣ ба таҳсилоти муттасили тибби оилавӣ шомил гардиданд.

Дар асоси талаботҳои мутахассисони тибби оилавӣ 9 модулҳои таълимии дар мавзуъҳои мубрами тибби оилавӣ тибқи маҷмӯи дастурҳои клиникӣ оид ба ташхису табобати беморон дар сатҳи шабакаи муассисаҳои кумаки аввалияи тиббию санитарӣ таҳияи гардид:

1. Фишорбаландии шараёни. Омилхои хатар.Таснифот.Табобат
2. Беморихои системаи дилу рагхои хунгард.
3. Гизои занони хомилп ва кудакони синни бармахал
4. Иллатхои фишорбаланди дар вакти хомиладори.
5. Нигохубини антенатали ва ёрии фаври.
6. Синдроми постковиди: хамчун мушкилоти актуали дар тибби оилави ва амалияи клиники
7. Пешбурди беморихои асосии роххои нафас дар сатхи КАТС, аз аломатхо ба ташхис
8. Маслихатдихи оид ба танзими оила.
9. Ташкил ва расонидани кумакм тибби ба шахсони дучоршудаи зуроварии шахвони.

Омӯзишӣ мазкур  дар ноҳияҳои Кӯлоб ва Ҳамадонии вилояти Хатлон омӯзиш дар мавзуи "Ғизои занони ҳомила ва кӯдакони синни бармаҳал", дар ноҳияҳои Кӯшониён, А.Ҷомии вилояти Хатлон ва ноҳияи Зафарободи ноҳияи Суғд дар мавзӯи "Фишорбаландии шараёнӣ. Омилҳои хатар. Таснифот. Табобат" ва инчунин дар ноҳияи Дарвози ВМКБ дар мавзуи "Бемориҳои системаи хунгард. Бемориҳои дилу рагҳо" бо фарогирии 160 нафар кормандони тиб (32 нафар табиб ва 84 нафар кормандони миенаи тиб) баргузор гардид. Пеш аз омӯзиш дониши шунавандагон баҳогузорӣ карда шуд. Баъд аз анҷоми омӯзиш ба иштирокчиён сертификатҳо тақдим намуда ва дар дафтарчаи бақайдгирӣ холҳои кредитӣ гузошта шуд. Дар баробари ин, бо мақсади ҳамкорӣ бо муассисаҳои таълимии Ҷумҳурӣ дар якҷоягӣ бо коршиносони Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино ва Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи

тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон 2 модули таълимӣ дар мавзӯи: “Алоими баъдиковидӣ. Нақши мутахассиси тибби оилавӣ” барои табибони оилавӣ ва “Ҳолатҳои гипертензионӣ дар давраи ҳомиладорӣ” барои кормандони миёнаи тибби оилавӣ омода гардид. Дар баробари ин, бо мақсади бақайдгирии саривақти, баҳисобгирӣ, мониторинги сифат ва самаронокии фаъолияти таълим аз ҷониби МД “МҶТКТО” системаи иттилоотии Таҳсилоти муттасили тиббӣ навсози карда шуд. Инчунин, бо назардошти иқтидории заифи техникии МД “МҶТКТО” аз тарафи Лоиҳа кӯмакӣ техники пешниҳод карда шуд. Аз ҷумла,

1. Мусоидат оид ба азновасозии системаи иттилоотии Таҳсилоти муттасили тиббӣ
2. Таҷҳизотҳои сервери ва пайваст шудан ба Шабакаи Интернет
3. Ҷудо намудани IP- суроға дар пойгоҳи Лоиҳа

Айни замон системаи иттилоотии Таҳсилоти муттасили тиббӣ дар сомонаи https://rmk-tmt.tj/ фаъол мебошад.

*Давраҳои омӯзишӣ оид ба идоракунии маълумоти оморӣ ва бехатарии нобудсозии партовҳои тиббӣ дар сатҳи МСД*

Механизми маблағгузори дар асоси натиҷаҳои фаъолият дар давои 5 сол дар муассисаҳои таҷрибавии лоиҳа ҷори ва бомуваффақият татбиқ карда шуд. Дар раванди амалисози мушкилотҳо оид ба истифода ва идоракунии нишондиҳандаҳои оморӣ ва нақшагирии фаъолияти муассисаҳо оид ба беҳтар намудани сифати хизматрасонии тиббӣ муайян карда шуданд. Аз ин сабаб тасмим гирифта шуд, ки барои роҳбарони марказҳои саломатии деҳот давраҳои омӯзишӣ оид ба идоракунии маълумоти оморӣ ва бехатарии нобудсозии партовҳои тиббӣ дар сатҳи МСД гузаронида шавад.

Бо мақсади амалисозии давраҳои омӯзишӣ бо агентии салоҳиятдор дар соҳаи рушди институти тибби оилавӣ барои таҳия ва тасдиқи нақшаи кӯтоҳмуддати таълимӣ ва модулҳои таълимӣ Маркази ҷумҳуриявии таълимию клиникии тибби оилавӣ шартнома баста шуд. Аз тарафи маркази мазкур 12 модулҳои таълими таҳия карда шуд. Аз ҷумла,

1. Низоми тандурустии Тоҷикистон
2. Сифати хизматрасонии тиббӣ
3. Бизнес-нақшагири
4. Идоракунии дониш
5. Рушди захираҳои инсонӣ
6. Идоракунии инфрасохтор, таҷҳизот ва таъминот
7. Маблағгузории соҳаи тандурустӣ
8. Ҷалби ҷомеа дар масъалаҳои тандурустӣ

9. Роҳбарият ва муошират
10. Асосҳои технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ
11. Ташкили ҷамъоварӣ ва нест кардани партовҳо
12. Иммунизатсия

Дар баробари ин, тибқи фармоиши Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июни соли 2022, №420 гуруҳи корӣ оид ба боздид, баррасӣ ва такмил додани модулҳои таълимии 2 ҳафтаина ва барномаи таълимии такмили ихтисос «Идоракунии муассисаҳои кумаки яввалияи тиббию санитарӣ" барои роҳбарони Марказҳои саломатии деҳотии ноҳияҳои таҷрибавӣ, ки аз тарафи Муассисаи давлатии "Маркази ҷумҳуриявии таълимию клиникии тибби оилавӣ" таҳия гардида буд, аз ҳисоби кормандони пуртаҷрибаи муассисаҳои давлатии таълимӣ, марказҳои таълимии соҳаи тибби оилавӣ, мутахассисони варзида таъсис дода шуда буд.

Дар натиҷи фаъолияти гуруҳи корӣ корҳои зерин иҷро карда шуд:

1. Боздид, баррасӣ ва такмил додани модулҳои таълимии 2 ҳафтаинаи (72 соат), барномаи таълимии такмили ихтисос «Идоракунии муассисаҳои кумаки яввалияи тиббию санитарӣ" барои роҳбарони Марказҳои саломатии деҳотии ноҳияҳои таҷрибавӣ, ки аз тарафи Муассисаи давлатии "Маркази ҷумҳуриявии таълимию клиникии тибби оилавӣ" таҳия гардида буд;
2. Боздид, баррасӣ ва такмил додани барномаи таълимии такмили ихтисос «Идоракунии муассисаҳои кумаки яввалияи тиббию санитарӣ" барои роҳбарони Марказҳои саломатии деҳотии ноҳияҳои таҷрибавӣ, ки аз тарафи Муассисаи давлатии "Маркази ҷумҳуриявии таълимию клиникии тибби оилавӣ" таҳия гардида буд;

Барнома ва модулҳои таълимии мазкур аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шуд.

**Зерқисмати 2.2 Такмили инфрасохтор ва заминаи моддию техникии КАТС:**

Дар доираи зерқисмати мазкур бо мақсади такмил додани инфрасохтор ва заминаи моддию техникӣ чорабиниҳои зерин пешбинӣ шудаанд; Гузаронидани верификатсияи мустақили тадқиқоти муассисаҳои КАТС-и ноҳияҳои нав, барои муайян намудани талабот ба таъмир; таъмин намудани табибон ва кормандони миёнаи тиб бо борхалтахои тиббӣ; гузаронидани корҳои таъмирӣ, таъмин намудан бо мебел ва таҷҳизоти тиббӣ, панелҳои офтобӣ.

Дар доираи қисмати мазкур тибқи нақшаи кории Лоиҳаи "Беҳтар намудани хизматрасонии тиббӣ" дар асоси фармоишҳои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбии ҳолати 76 марказҳои саломатии деҳотии ноҳияҳои таҷрибавии Зафаробод, А.Ҷомӣ, Қушониён, Ҳамадонӣ, Дарвоз ва Кӯлоб оид ба муайян намудани талабот ба таъмир дар асоси талаботи Бонки ҷаҳонӣ гузаронида шуд. Дар натиҷа аз тарафи мутахассисони Лоиҳа 40 маркази саломатии деҳот барои гузаронидани корҳои таъмирӣ интихоб карда шуданд. Дар баробари ин, тибқи талаботи Бонки ҷаҳонӣ верификатсияи мустақили муассисаҳои интихобшуда барои гузаронидани корҳои таъмирӣ пешбинӣ шудааст. Ба робита ба ин, шартнома бо мушовири байналмилалӣ, Павел Фунтиков, ба маблағи 49 590 доллари ИМА баста шуд. Тибқи шартнома аз ҷониби мушовири байналмилалӣ верификатсияи мустақили раванди таҳқиқот ва интихоби марказҳои саломатии деҳотии шаш ноҳияи нави таҷрибавӣ, ки барои таъмир интихоб шудаанд дар ду давра гузаронида шуд. Верификатсияи мазкур санҷиши ҳуҷҷатҳо ва сафари кориро дар бар мегирифт. Ҳамагӣ дар ду давра 40 маркази саломатии деҳотии ноҳияҳои нави таҷрибавӣ (Зафаробод, ноҳияи Кӯлоб, Ҳамадонӣ, Қушониён, А.Ҷомӣ ва Дарвоз) арзёбӣ карда дар натиҷаи баррасӣ 38 маркази саломатии деҳот интихоб карда шуданд. Инчунин, дар доираи қисмати мазкур бо мақсади гузаронидани санҷиши ҳолати техникии марказҳои саломатии деҳот ва омода намудани ҳуҷҷатҳои лоиҳавию нархномавӣ шартнома бо ҶДММ "Корезлоиҳа" ба маблағи 2540794 сомонӣ баста шуд. Аз тарафи ширкати мазкур тибқи шартнома дар се давра дар 38 маркази саломатии деҳотии таъмиршавандаи шаш ноҳияҳои нави таҷрибавӣ (Зафаробод, ноҳияи Кӯлоб, Ҳамадонӣ, Қушониён, А.Ҷомӣ ва Дарвоз), корҳои зерин иҷро карда шуд, муайян намудани ҳолати техникии биноҳо, гузаронидани экспертизаи сейсмологии биноҳо, нуқтаҳои пайвасти об, хати барқ ва хати обу корезӣ, инчунин кашидани нақшаҳо ва тартиб додани харҷномаи таъмирӣ, аз тарафи ширкати мазкур рафти назорати муалифии иншоотҳо гузаронида шуд. Дар баробари ин, дар доираи идоракунии экологӣ бо мақсади ҳалли мушкилиҳои экологӣ ва иҷтимоӣ дар раванди корҳои таъмирӣ дар асоси пурсишномаи тасдиқшуда тадқиқоти экологии 38 маркази саломатии деҳот гузаронида шуд ва барои онҳо нақшаи идоракунии муҳити зист ва иҷтимоӣ тартиб дода шуд.

Корҳои таъмири дар доираи маблағгузории дуюми иловаги Лоиҳа аз соли 2022 оғоз карда шуд. Ҳамаги 24 шартномаҳо барои гузаронидани корҳои таъмири 36 марказҳои саломатии деҳоти шаш ноҳияи нави таҷрибавӣ (Зафаробод, ноҳияи Кӯлоб, Ҳамадонӣ, Қушониён, А.Ҷомӣ ва Дарвоз) баста шуда дар соли 2023 корҳои таъмири дар 36 маркази саломатии деҳот ба охир расида ва аз тарафи комиссия, ки аз намояндаҳои Лоиҳа, муассисаи давлатии

“Идораи сохтмони асоси”-и ВТҲИА, ҶДММ “Корезлоиҳа” ва роҳбарияти КАТС-и ноҳия иборат буда, барои истифода қабул гардида шуд.

***<u>Вилояти Хатлон</u>***

## I. ***<u>Ноҳияи Кушониён -13 МСД</u>***

**1. МСД «Уртабуз», Грант D547-TJ**

Корҳои таъмири дар маркази саломатии деҳоти “Уртабуз” аз тарафи Пудрачи ҶДММ «Аршан и К» дар санаи 28.02.2022 оғоз ёфта ва 28.06.2022 аз тарафи комиссия қабул карда шуд. Маблағи умумии корҳои таъмири 399791,18 сомониро ташкил намуд.

**2. МСД «К. Гулов», Грант D547-TJ**

Корҳои таъмири дар маркази саломатии деҳоти “К. Гулов” аз тарафи Пудрачи ҶДММ «Аршан и К» дар санаи 28.02.2022 оғоз ёфта ва 28.06.2022 аз тарафи комиссия қабул карда шуд. Маблағи умумии корҳои таъмири 292774,12 сомониро ташкил намуд.

**3. МСД «Истиклол», Грант D547-TJ**

Корҳои таъмири дар маркази саломатии деҳоти “Истиқлол” аз тарафи Пудрачи ҶДММ «Соҳил К» дар санаи 06.06.2022 оғоз ёфта ва 10.10.2022 аз тарафи комиссия қабул карда шуд. Маблағи умумии корҳои таъмири 34382,44 доллари ИМА-ро ташкил намуд

**4. МСД «Донёрқул» Грант D547-TJ**

Корҳои таъмири дар маркази саломатии деҳоти “Донёрқул” аз тарафи Пудрачи ҶДММ «Соҳил К» дар санаи 06.06.2022 оғоз ёфта ва 06.10.2022 аз тарафи комиссия қабул карда шуд. Маблағи умумии корҳои таъмири 30682,42 доллар ИМА-ро ташкил намуд.

**5. МСД «Навбаҳор» Грант D547-TJ**

Корҳои таъмири дар маркази саломатии деҳоти “Навбаҳор” аз тарафи Пудрачи ҶДММ «Соҳил К» дар санаи 06.06.2022 оғоз ёфта ва 06.10.2022 аз тарафи комиссия қабул карда шуд. Маблағи умумии корҳои таъмири 34967,96 ИМА-ро ташкил намуд.

**6. МСД «Навкор» Грант D547-TJ**

Корҳои таъмири дар маркази саломатии деҳоти “Навкор” аз тарафи Пудрачи ҶДММ «Сомон Орзу» дар санаи 06.06.2022 оғоз ёфта ва 10.10.2022 аз тарафи

комиссия қабул карда шуд. Маблағи умумии корҳои таъмири 28590,87 доллари ИМА-ро ташкил намуд

7. **МСД «Шуъбаи-1» Грант D547-TJ**

Корҳои таъмири дар маркази саломатии деҳоти “Шуъбаи-1”аз тарафи Пудрачи ҶДММ « Сомон Орзу» дар санаи 06.06.2022 оғоз ёфта ва 06.10.2022 аз тарафи комиссия қабул карда шуд. Маблағи умумии корҳои таъмири 36793,10 доллари ИМА-ро ташкил намуд.

8. **МСД «Комсомол» Грант D547-TJ**

Корҳои таъмири дар маркази саломатии деҳоти “Комсомол” аз тарафи Пудрачи ҶДММ « Точикэнергосистема » дар санаи 06.06.2022 оғоз ёфта ва 20.10.2022 аз тарафи комиссия қабул карда шуд. Маблағи умумии корҳои таъмири 21980,89 доллари ИМА-ро ташкил намуд

9. **МСД «Сарвати Истиқлол» Грант D547-TJ**

Корҳои таъмири дар маркази саломатии деҳоти “Сарвати Истиқлол” аз тарафи Пудрачи ҶДММ «Точикэнергосистема» дар санаи 06.06.2022 оғоз ёфта ва 20.10.2022 аз тарафи комиссия қабул карда шуд. Маблағи умумии корҳои таъмири 36130,30 доллари ИМА-ро ташкил намуд.

10. **МСД «Бустон-Кала» Грант D547-TJ**

Корҳои таъмири дар маркази саломатии деҳоти “Бӯстон-Қала” аз тарафи Пудрачи ҶДММ «Иншоот Сохтмонсоз» дар санаи 06.10.2022 оғоз ёфта ба сабаби иҷро накардани уҳдадориҳо қатъ карда шуд. Бо мақсади идома додани корҳои таъмири шартнома бо ҶДММ “Қурбониён-1” баста шуд. Корҳои таъмири дар маркази саломатии деҳоти мазкур аз саннаи 30.01.2023 оғоз карда дар санаи 02.03.2023 аз тарафи комиссия қабул карда шуд. Корҳои таъмири ба маблағи 44833,00 доллари ИМА гузаронида шуд.

11. **МСД «Сабзавод» Грант D547-TJ**

Корҳои таъмири дар маркази саломатии деҳоти “**Сабзавод**” аз тарафи Пудрачи ҶДММ «Иншоот Сохтмонсоз» дар санаи 06.10.2022 оғоз ёфта ба сабаби иҷро накардани уҳдадориҳо қатъ карда шуд. Бо мақсади идома додани корҳои таъмири шартнома бо ҶДММ “Қурбониён-1” баста шуда. Корҳои таъмири дар маркази саломатии деҳоти мазкур аз саннаи 30.01.2023 оғоз карда дар санаи 27.05.2023 аз тарафи комиссия қабул карда шуд. Маблағи умумии корҳои таъмири 397692,21 сомониро ташкил намуд.

**12.МСД «Шуъбаи-4», Грант D547-TJ**

Корҳои таъмири дар маркази саломатии деҳоти “Шуъбаи-4” аз тарафи Пудрачи ҶДММ «Вашгир» дар санаи 20.10.2022 оғоз ёфта ва 28.04.2023 аз тарафи комиссия қабул карда шуд. Маблағи умумии корҳои таъмири 475976,35 сомониро ташкил намуд.

**13.МСД «Навобод», Грант D547-TJ**

Корҳои таъмири дар маркази саломатии деҳоти “Навобод” аз тарафи Пудрачи ҶДММ «Вашгир» дар санаи 20.10.2022 оғоз ёфта ва 28.04.2023 аз тарафи комиссия қабул карда шуд. Маблағи умумии корҳои таъмири 246 154,75 сомони ташкил намуд.

***II. <u>Ноҳияи Абдурахмони Ҷоми (5- МСД)</u>***

**14.МСД «Гулобод», Грант D547-TJ**

Корҳои таъмири дар маркази саломатии деҳоти “Гулобод” аз тарафи Пудрачи ҶДММ «Ашт Мохи Маликабону» дар санаи 28.02.2022 оғоз ёфта ва 01.08.2022 аз тарафи комиссия қабул карда шуд. Маблағи умумии корҳои таъмири 337095,99 сомониро ташкил намуд.

**15.МСД «Яккатут», Грант D547-TJ**

Корҳои таъмири дар маркази саломатии деҳоти “Яккатут” аз тарафи Пудрачи ҶДММ «Ашт Мохи Маликабону» дар санаи 28.02.2022 оғоз ёфта ва 01.08.2022 аз тарафи комиссия қабул карда шуд. Маблағи умумии корҳои таъмири 324952,56 сомониро ташкил намуд.

**16.МСД «Бахор», Грант D547-TJ**

Корҳои таъмири дар маркази саломатии деҳоти “Баҳор” аз тарафи Пудрачи ҶДММ «Нури Файз» дар санаи 28.02.2022 оғоз ёфта ва 28.06.2022 аз тарафи комиссия қабул карда шуд. Маблағи умумии корҳои таъмири 351377,19 сомониро ташкил намуд.

**17.МСД «Ғалаба», Грант D547-TJ**

Корҳои таъмири дар маркази саломатии деҳоти “Ғалаба” аз тарафи Пудрачи ҶДММ «Нури Файз» дар санаи 28.02.2022 оғоз ёфта ва 28.06.2022 аз тарафи комиссия қабул карда шуд. Маблағи умумии корҳои таъмири 320120,87 сомониро ташкил намуд.

**18.МСД «Меҳнат» Грант D547-TJ**

Корҳои таъмири дар маркази саломатии деҳоти “Меҳнат” аз тарафи Пудрачи ҶДММ «Амри Хамза» дар санаи 06.06.2022 оғоз ёфта ба сабаби иҷро

накардани ухдадориҳо қатъ карда шуд. Бо мақсади идома додани корҳои таъмири шартнома бо ҶДММ “Навруз-2003” ба маблағи 404252,19 сомони баста шуда. Корҳои таъмири дар маркази саломатии деҳоти мазкур аз саннаи 03.11.2022 оғоз карда дар санаи 27.04.2023 аз тарафи комиссия қабул карда шуд

***III. <u>Ноҳияи Кулоб (3 – МСД)</u>***

**19.МСД «Лағмон», Грант D547-TJ**

Корҳои таъмири дар маркази саломатии деҳоти “Лағмон” аз тарафи Пудрачи ҶДММ «Сомон Орзу» дар санаи 22.12.2022 оғоз ёфта ва 20.04.2023 аз тарафи комиссия қабул карда шуд. Маблағи умумии корҳои таъмири 355261,69 сомониро ташкил намуд.

**20.МСД «Зираки», Грант D547-TJ**

Корҳои таъмири дар маркази саломатии деҳоти “Зираки” аз тарафи Пудрачи ҶДММ «Довуддҷон» дар санаи 19.10.2022 оғоз ёфта ва 05.05.2023 аз тарафи комиссия қабул карда шуд. Маблағи умумии корҳои таъмири 458939,54 сомониро ташкил намуд.

**21.МСД «Ҳокимобод», Грант D547-TJ**

Корҳои таъмири дар маркази саломатии деҳоти “Ҳокимобод” аз тарафи Пудрачи ҶДММ « Химмат-2017» дар санаи 03.11.2022 оғоз ёфта ва 20.05.2023 аз тарафи комиссия қабул карда шуд. Маблағи умумии корҳои таъмири 478702,69 сомониро ташкил намуд.

***IV. <u>Ноҳияи Ҳамадони (8 - МСД)</u>***

**22.МСД «Дусти», Грант D547-TJ**

Корҳои таъмири дар маркази саломатии деҳоти “Дӯсти” аз тарафи Пудрачи ҶДММ «Ободии Дангара » дар санаи 03.11.2022 оғоз ёфта ва 15.05.2023 аз тарафи комиссия қабул карда шуд. Маблағи умумии корҳои таъмири 369957,07 сомониро ташкил намуд.

**23.МСД «Меҳнатобод», Грант D547-TJ**

Корҳои таъмири дар маркази саломатии деҳоти “Меҳнатобод” аз тарафи Пудрачи ҶДММ « Садриддин С» дар санаи 25.12.2022 оғоз ёфта ва 25.06.2023 аз тарафи комиссия қабул карда шуд. Маблағи умумии корҳои таъмири 447909,81 сомониро ташкил намуд.

**24.МСД «Давлатобод», Грант D547-TJ**

Корҳои таъмири дар маркази саломатии деҳоти “Давлатобод” аз тарафи Пудрачи ҶДММ «Саманд 9999» дар санаи 12.12.2022 оғоз ёфта ва 15.04.2023 аз тарафи комиссия қабул карда шуд. Маблағи умумии корҳои таъмири 437534,90 сомониро ташкил намуд.

**25.МСД «Пушкин», Грант D547-TJ**

Корҳои таъмири дар маркази саломатии деҳоти “Пушкин” аз тарафи Пудрачи ҶДММ «Ин Тех Тиҷорат» дар санаи 20.10.2022 оғоз ёфта ва 17.03.2023 аз тарафи комиссия қабул карда шуд. Маблағи умумии корҳои таъмири 427773,77 сомониро ташкил намуд.

**26.МСД «Марғоб», Грант D547-TJ**

Корҳои таъмири дар маркази саломатии деҳоти “Пушкин” аз тарафи Пудрачи ҶДММ «Ин Тех Тиҷорат» дар санаи 20.10.2022 оғоз ёфта ва 17.03.2023 аз тарафи комиссия қабул карда шуд. Маблағи умумии корҳои таъмири 355510,74 сомониро ташкил намуд.

**27.МСД «Хоҷамумин», Грант D547-TJ**

Корҳои таъмири дар маркази саломатии деҳоти “Хоҷамумин” аз тарафи Пудрачи ҶДММ «Мерос Сохтмон» дар санаи 03.11.2022 оғоз ёфта ва 10.04.2023 аз тарафи комиссия қабул карда шуд. Маблағи умумии корҳои таъмири 456369,27 сомониро ташкил намуд.

**28.МСД «Меҳрвар», Грант D547-TJ**

Корҳои таъмири дар маркази саломатии деҳоти “Меҳвар” аз тарафи Пудрачи ҶДММ «КСМБ» дар санаи 12.12.2022 оғоз ёфта ва 25.06.2023 аз тарафи комиссия қабул карда шуд. Маблағи умумии корҳои таъмири 496082,66 сомониро ташкил намуд.

**29.МСД «Гулобод», Грант D547-TJ**

Корҳои таъмири дар маркази саломатии деҳоти “Гулобод” аз тарафи Пудрачи ҶДММ «Саманд-9999» дар санаи 27.04.2023 оғоз ёфта ва 15.06.2023 аз тарафи комиссия қабул карда шуд. Маблағи умумии корҳои таъмири 526284,18 сомониро ташкил намуд.

***ВМКБ***

**V.** ***Ноҳияи Дарваз (3- МСД)***

**30.МСД «Сағирдашт», Грант D547-TJ**

Корҳои таъмири дар маркази саломатии деҳоти “Сағирдашт” аз тарафи Пудрачи ҶДММ «Вашгир» дар санаи 12.07.2022 оғоз ёфта ва 10.11.2022 аз тарафи комиссия қабул карда шуд. Маблағи умумии корҳои таъмири 41397,28 доллари ИМА- ро ташкил намуд.

**31.МСД «Ёгед», Грант D547-TJ**

Корҳои таъмири дар маркази саломатии деҳоти “Ёгед” аз тарафи Пудрачи ҶДММ «Хизматгор» дар санаи 31.08.2022 оғоз ёфта ва 10.03.2023 аз тарафи комиссия қабул карда шуд. Маблағи умумии корҳои таъмири 25780,72 доллари ИМА- ро ташкил намуд.

**32.МСД «Дарвоз», Грант D547-TJ**

Корҳои таъмири дар маркази саломатии деҳоти “Дарвоз” аз тарафи Пудрачи ҶДММ «Хизматгор» дар санаи 31.08.2022 оғоз ёфта ва 10.03.2023 аз тарафи комиссия қабул карда шуд. Маблағи умумии корҳои таъмири 32020,73 доллари ИМА- ро ташкил намуд.

***Вилояти Суғд***

***VI. Ноҳияи Зафаробод (4- МСД)***

**33.МСД «Бахт», грант D547-TJ**

Корҳои таъмири дар маркази саломатии деҳоти “Бахт” аз тарафи Пудрачи ҶДММ «Мураттаб» дар санаи 19.08.2022 оғоз ёфта ва 10.05.2023 аз тарафи комиссия қабул карда шуд. Маблағи умумии корҳои таъмири 39477,48 доллари ИМА- ро ташкил намуд.

**34.МСД «Ҳомид Алиев», грант D547-TJ**

Корҳои таъмири дар маркази саломатии деҳоти “Ҳомид Алиев” аз тарафи Пудрачи ҶДММ «Мураттаб» дар санаи 19.08.2022 оғоз ёфта ва 10.05.2023 аз тарафи комиссия қабул карда шуд. Маблағи умумии корҳои таъмири 48716,47 доллари ИМА- ро ташкил намуд.

**35.МСД «Ҷоми», грант D547-TJ**

Корҳои таъмири дар маркази саломатии деҳоти “Ҷоми” аз тарафи Пудрачи ҶДММ «Марвориди Шарк» дар санаи 17.08.2022 оғоз ёфта ва 10.05.2023 аз тарафи комиссия қабул карда шуд. Маблағи умумии корҳои таъмири 32503,74 доллари ИМА- ро ташкил намуд.

**36.МСД «Зарафшан», грант D547-TJ**

Корҳои таъмири дар маркази саломатии деҳоти "Зарафшон" аз тарафи Пудрачи ҶДММ «Марвориди Шарк» дар санаи 17.08.2022 оғоз ёфта ва 10.05.2023 аз тарафи комиссия қабул карда шуд. Маблағи умумии корҳои таъмири 51360,00 доллари ИМА- ро ташкил намуд.

1. ***Харид***

Бо мақсади беҳтар намудани заминаи моддию техникии муассисаҳои КАТС-и ноҳияҳои таҷрибавӣ аз тарафи Лоиҳа дар давраи ҳисоботӣ шартномаҳои зерин баста шуданд;

- Шартнома оиди хариди 221 борхалтаҳои тибби аз ҷумла, 90 адад барои табибон ва 131 адад барои кормандони миёнаи тиб бо ширкати "Тибтаҷҳизот" ба маблағи 1 052 284 сомони баста шуд.
- Бо мақсади расонидани хизматрасонии тиббӣ, бевосита сифати ёрии аввалияи тиббию санитари ба модарону кӯдакон шартнома оиди хариди борхалтахои тиббӣ бо ширкати "Тибтаҷҳизот" барои табибон 298 адад ва 927 адад барои кормандони миёнаи тиббии ноҳияҳои таҷрибавии Лоиҳа ба маблағи 5 104 044 сомонӣ ва шартнома оиди хариди 221 борхалтаҳои тибби аз ҷумла, 90 адад барои табибон ва 131 адад барои кормандони миёнаи тиб бо ширкати "Тибтаҷҳизот" ба маблағи 1 052 284 сомони баста шуд.
- Бо мақсади дар амал татбиқ намудани МАНФ шартнома оиди ба нашр намудани Дастурамали МАНФ, варақаҳои баҳодиҳии сифат ва дафтари бақайдгирии беморон аз рӯи МАНФ бо ҶДММ "АРТ Медиа" ба маблағи 315 501 сомонӣ баста шуд.
- Бо мақсади ҷалби хонаводаҳо ва аз тарафи онҳо истифодабарии хизматрасонии тибби дар сатҳи КАТС шартнома оид ба нашр намудани «Дастурамали ташрифи хонаводаҳо», қоидаҳои ягонаи верификатсия, маводҳои иттилоотӣ, варақаи пурсиш, маводҳои иттилоотӣ оид ба иммунизатсия ва шакли бақайдгирии аҳолӣ шартнома бо ҶДММ "Полиграф групп" ба маблағи 1 651 226 сомонӣ баста шуд.
- Бо мақсади истифодабарии СИИ МАНФ аз тарафи кормандони муассисаҳои ноҳияҳои таҷрибавии Лоиҳа шартнома оиди хариди таҷҳизоти компютерӣ аз ҷумла, 115 адад- Ноутбук HP250 G8, 216- адад Планшет Samsung Galaxy Tab A7, 6- адад, ДБВ A3 (принтер, сканер) HP LaserJet M436n ва 115- адад ДБВ A3 (принтер, сканер) HP LaserJet M436n барои васеъ намудани барномаи маблағгузорӣ аз рӯи натиҷаҳои фаъолият барои муассисаҳои КАТС-и ноҳияҳои Зафаробод, Кушониён,

н.Кулоб, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, А.Ҷомӣ ва Дарвоз бо ширкати “Ҷадид-Техно” ба маблағи 2 499 800 сомонӣ баста шуд.

- Бо мақсади гузаронидани верификатсия дохила аз тарафи Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва ворид намуда натиҷаҳои верификатсия ба СИИ МАНФ шартнома оиди хариди 18 ноутбукҳо (HP250G8) барои Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ бо ширкати “Ҷадид-Техно” ба маблағи 138240 сомонӣ баста шуд.
- Бо мақсади навсозии таҷҳизоти сервер барои нармафзори СИИ МАНФ ва навсозии таҷҳизоти компютерии Лоиҳа шартнома оиди хариди таҷҳизотҳо (6 адад Моноблоки Lenovo 23.8, 2 адад Ноутбуки Lenovo IdeaPad 3, 12 адад Ноутбуки Lenovo ThinkBook, 4 адад сарчашмаи муттасили барқ барои сервер APC Smart 3000VA, 3 адад Принтер (3 дар 1) HP M428dw, 5 адад Диски хотиравӣ 4TB WD, 11 адад филтри шабакавӣ SF-06L, 4 адад WiFi роутер Keenetic Ultra 1810, 3 адад проектор Epson EB-W51, 3 адад сервер DL-380-G10, 1 адад Принтери ранга Epson L1800, 1 адад таҷҳизот барои видеоконфронс Logitech Conference Cam Group, 3 адад Монитор Dell, 3 адад пайванди сервер HP J9983A, 3 адад Ҷевони серверӣ (19U) барои беҳтар намудани СИИ МАНФ дар сатҳи марказӣ бо ширкати “Синон” ба маблағи 1 132 195 сомонӣ баста шуд.
- Бо мақсади пайваст шудан ба Шабакаи Интернет ва ворид намудани маълумотҳо ба СИИ МАНФ аз тарафи кормандони муассисаҳои ноҳияҳои таҷрибавии Лоиҳа шартнома оид харид намудани 115 адад модемҳо бо ҶДММ “Тоҷ муосир” ба маблағи 94 3000 сомонӣ баста шуд.
- Бо мақсади татбиқи “Тартиби баррасии муроҷиатҳо” (4-адад таҷҳизотҳои сервер, 6 адад моноблок, 4 адад сарчашмаи муттасили барқ, 4 адад каммутатор, 4 адад WI-FI маршутизатор, 10 адад филтри шабакавӣ, 4 адад тасбитгари автоматикии шиддат, 4 адад кондисионер, 6 адад принтер, сарчашмаи муттасили барқ барои моноблокҳо ва 4 адад пойгоҳи сервер) шартнома бо ширкати “Синон” ба маблағи 1 092 940 сомонӣ баста шуд.
- Бо мақсади таъмин намудани муассисаҳои тиббӣ дар сатҳи Ҷумҳури бо Дастурамал оид ба таъин ва пардохти музди меҳнати кормандони ташкилоту муассисаҳои давлатии тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон шартнома оид ба нашри он бо ширкати “Ҷозиба” ба маблағи 112 000 сомони баста шуд.
- Бо мақсади татбиқ ва такмили маблағгузории сарикасӣ шартнома оиди хариди таҷҳизоти компютерӣ аз ҷумла, 70 адад- Ноутбук, 2 адад

моноблок, 67 адад ДБВ А4 (принтер, сканер), 2 адад сарчашмаи мутаасили барқ, 65 адад Wi-Fi роутер ва 1 адад ДБВ А3 (принтер, сканер) барои ВТҲИА ҶТ, Раёсатҳо ва шуъбаҳои молиявии вилоятҳо ва ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ширкати "Ҷадид-Техно" ба маблағи 1 116 420 сомонӣ баста шуд.

- Бо мақсади дастрасии саривақтии муроҷиати хаттии аҳолии ба муассисаи тиббӣ вобасташуда шартнома оиди хариди 266 адад қуттиҳо барои бо ширкати "Азия универсал сервис" ба маблағи 103 474 сомонӣ баста шуд.
- Бо мақсади таъмин намудани муассисаҳои тиббӣ бо шаклҳои ҳуҷҷатҳои аввалияи тиббӣ оид ба иммунизатсия шартнома оид ба нашр намудани он бо ширкати "Ин тех тиҷорат" ба маблағи 279800 сомонӣ баста шуд.
- Бо мақсади беҳтар намудани сифатӣ хизматрасонии тиббӣ шартнома оид ба хариди таҷҳизотҳои тиббӣ барои маркази саломатии деҳотии шаш ноҳияи таҷрибавӣ бо ширкати "Дастовард-2016" ба маблағи 4 308 092,59 сомонӣ баста шуд.
- Бо мақсади гузаронидани давраҳои омӯзишии мутассили кормандони марказҳои саломатии деҳот ноҳияҳои таҷрибавии Лоиҳа шартнома оид ба хариди 276 ноутбук барои марказҳои саломатии деҳоти ноҳияҳои таҷрибавӣ бо ҶДММ "Ширкати ояндасоз" ба маблағи 2 468 805,2 сомонӣ баста шуд.
- Бо мақсади бо барқи доими таъмин намудани марказҳои саломатии деҳот шартнома оид ба хариди генераторҳо ва обгармкунакҳои офтобӣ барои марказҳои саломатии деҳоти ноҳияҳои таҷрибави бо ҶДММ "Ширкати ояндасоз" ба маблағи 319 700 доллари ИМА.
- Шартнома оид ба хариди 6 адад автомашинаҳои хизматӣ барои гурӯҳҳои назорати сарпарастории шаш ноҳияи нави таҷрибавӣ ва ду адад автомашинаҳои хизматӣ барои Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ҶДММ "Нури Бахт" ба маблағи 289 050 доллари ИМА.
- Шартномаи оид ба харид намудани муляжҳои таълими бо мақсади гузаронидани дарсҳои амалӣ дар доираи омӯзиши тибби оилавӣ барои Марказҳои таълимию клиникии тибби оилавӣ бо ҶДММ "Ситораҳои Аср" ба маблағи 49860 доллари ИМА.
- Шартнома оид ба хариди 2 адад авторефрижератор бо мақсади интиқол ва нигоҳдории ваксинаҳо барои Муассисаи давлатии "Маркази ҷумҳуриявии иммунопрофилактика" бо ҶДММ "Нури бахт" ба маблағи 1 103 220 сомонӣ.

- Шартнома оид ба хариди 15 адад нақлиёти санитарӣ барои марказҳои саломатии деҳоти ноҳияҳои таҷрибавӣ бо ширкати муштарак ҶДММ “Тибтаҷҳизот” ва ширкати “Роял бизнес Солюженс ФЗЕ” ба маблағи 9 712 800 сомонӣ.
- Шартнома оид ба хариди таҷҳизотҳои тиббӣ барои 38 марказҳои саломатии деҳоти 6 ноҳияҳои нави таҷрибавӣ бо ҶДММ “Дастовард-2016” ба маблағи 415074 доллари ИМА
- Шартнома оид ба нашр намудани Дастурамали “Ғизоии табобатии стандарти дар муассисахои тандурусти ва хифзи ичтимоии ахоли” ба ҶДММ “Полиграф Групп” ба маблағи 32200 доллари ИМА.
- Шартнома оид ба нашр намудани маводҳои иттилоотӣ оид ба мурочиати шаҳрвандон ба ҶДММ “Арт Медиа” ба маблағи 51500 сомони.
- Шартнома оид ба хариди мебели кори барои 77 марказҳои саломатии деҳоти 6 ноҳияҳои нави тачрибавӣ бо ҶДММ “Нури чашм” ба маблағи 1 851 696 сомони баста шуд.
- Шартнома оид ба хариди як адад дастгоҳи рентгении статсионари барои маркази саломатии ноҳиявии ноҳияи Ҷ.Расулов бо ҶДММ “Рамзи тиб” ба маблағи 1 088 200,00 сомонӣ.
- Шартнома оид ба хариди як адад дастгоҳи рентгении статсионари барои маркази саломатии ноҳиявии ноҳияи Кушониён бо ҶДММ “Рамзи тиб” ба маблағи 1 088 200,00 сомонӣ.
- Шартнома оид ба хариди 8 адад дастгоҳи ултрасодо барои марказҳои саломатии деҳот (“Оббурдони”-и ноҳияи Мастчоҳ, “Ҳ.Алиев”-и ноҳияи Зафаробод, “Яккатут”-и ноҳияи А. Ҷоми, “Сабзавод” ва “Заргар”-и ноҳияи Кушониён, “Маҳнатобод”-и ноҳияи Ҳамадони, “Чорбоғ”-и ноҳияи Кулоб ва “Дарвоз”-и ноҳияи Дарвоз) бо ҶДММ “Ширкати ояндасоз” ба маблағи 1 064 000,00 сомонӣ.
- Шартнома оид ба хариди 1 адад нақлиёти санитарӣ барои маркази саломатии ноҳиявии ноҳияи Ҷ. Расулов бо ҶДММ “Тоҷварз” ба маблағи 611 520,00 сомонӣ.
- Шартнома оид ба нашр намудани “Маҷмӯи дастурҳои клиникӣ оид ба ташхису табобати беморон дар сатҳи шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ” (боздидшуда) бо ҶДММ “Полиграф групп” ба маблағи 1 090 000,00 сомонӣ.
- Шартнома оид ба хариди 2 адад дастгоҳи ултрасодо барои марказҳои саломатии деҳот бо ҶДММ “Ситорахои аср” ба маблағи 429 000,0 сомонӣ.

**Маблағгузории сарикасӣ дар сатҳи КАТС.**

Мақсади асосии ҷорӣ намудани маблағгузории сарикасӣ дар муассисаҳои шабакаи кӯмаки аввалияи тиббию санитарии ҷумҳурӣ ин тақсими одилонаи маблағҳои муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ буда, тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2015 №827 "Дар бораи масъалаҳои ҷорӣ намудани маблағгузории сарикасӣ дар муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ", дар ҷумҳурӣ аз соли 2016 сар карда, ин механизм дар муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ ҷорӣ гардида истодааст. Аз тарафи Лоиҳа чорабиниҳо оид ба расонидани кӯмаки техникӣ ба Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба татбиқи маблағгузории сарикасӣ дар сатҳи муассисаҳои КАТС гузаронида шуд.

Аз аввали амалисозии Лоиҳа дар доираи маблағгузории дуюми иловагӣ тибқи нақшаи фаъолият як қатор ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба татбиқи маблағгузории сарикасӣ бо назардошти ҳамаи моддаҳои хароҷотӣ дар сатҳи миллӣ таҳия гардида, бо фармоиши якҷояи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардиданд. Аз ҷумла;

1. Таҳияи ҳаҷми меъёрҳои маблағгузории сарикасӣ ва коэффитсиентҳои махсуси маблағгузории муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ. Ҳуҷҷати мазкур бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа карда шуда ва тибқи қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хусуси тадбирҳои иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», тасдиқ гардиданд. Аз ҷумла,
    - Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2020, №689 дар хусуси тадбирҳои иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2021» Дар доираи қарори мазкур меъёрҳои ҳадди ақали маблағгузории сарикасии муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ барои марказҳои саломатии шаҳрӣ (МСШ) ба як нафар аҳолии вобастакардашуда 67 сомонӣ ва марказҳои саломатии ноҳиявӣ (МСН) ба андозаи 54 сомонӣ ва коэффитсиентҳои махсуси шаҳрӣ ва ноҳиявӣ (барои баробаркунии хароҷот) маблағгузории сарикасии муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ тасдиқ шуданд.

    - Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2021, №553 Дар хусуси тадбирҳои иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2022», тасдиқ гардиданд. Дар доираи қарори мазкур меъёрҳои ҳадди ақали маблағгузории сарикасии муассисаҳои кӯмаки

аввалияи тиббию санитарӣ  барои марказҳои саломатии шаҳрӣ (МСШ) ба як нафар аҳолии вобастакардашуда 74 сомонӣ ва марказҳои саломатии ноҳиявӣ (МСН) ба андозаи 57 сомонӣ ҳамчунин  коэффитсиентҳои махсуси шаҳрӣ ва ноҳиявӣ (барои баробаркунии хароҷот) маблағгузории сарикасии муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ тасдиқ шуданд;

- Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2022, №626 Дар хусуси тадбирҳои иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тољикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023», тасдиқ гардиданд. Дар доираи қарори мазкур меъёрҳои ҳадди ақали маблағгузории сарикасии муассисаҳои кумаки аввалияи тиббию санитарӣ  барои марказҳои саломатии шаҳрӣ (МСШ) ба як нафар аҳолии вобастакардашуда 81 сомонӣ ва марказҳои саломатии ноҳиявӣ (МСН) ба андозаи 68 сомонӣ тасдиқ шуданд.

2. Бо мақсади иҷрои банди 19 қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2020, № 689, аз 30 декабри соли 2021, № 553 ва  аз 29 декабри соли 2022, №626 “Дар хусуси тадбирҳои иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои " якҷоя бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия намудани ҳаҷми меъёрҳои тавсияшаванда дар асоси принсипи маблағгузории сарикасӣ барои марказҳои саломатии деҳот ва бунгоҳҳои саломатӣ ва коэффитсиентҳои ислоҳотии ҳисобнамоии меъёри сарикасии тавсияшаванда барои зерсохторҳои МСШ ва МСН  муқаррар карда шудаанд, ки дар Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ тасдиқ ва бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа шудаанд. Инчунин, асосноккунии ҳисобнамоии меъёрҳои сарикасӣ барои МСД ва БС барои соли 2021 ва 2022 ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

3. Дар баробари ин, дар асоси нишондиҳандаҳои макроиқтисоди лоиҳаи меъёрҳои ҳадди ақали маблағгузории сарикасии муассисаҳои кумаки аввалияи тиббию санитарӣ  барои марказҳои саломатии шаҳрӣ (МСШ) ба як нафар аҳолии вобастакардашуда 90 сомонӣ ва марказҳои саломатии ноҳиявӣ (МСН) ба андозаи 80 сомонӣ  барои соли 2024 таҳияи шуда барои мувофиқа ба Вазорати молия равон карда шуд.
3. Ҷамъ ва таҳлили маълумоти молиявии муассисаҳои КАТС, тартиб додани ҳисобот оид ба иҷроиши буҷет дар сатҳи вилоятҳо, шаҳрхо ва ноҳияҳои ҷумҳурӣ мувофиқи шакли тасдиқгардида.

4. Ҷамъоварӣ ва таҳлили ҳисоботҳои ташаккули буҷети муассисаҳои КАТС, дар сатҳи вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳои ҷумҳурӣ мувофиқи шакли тасдиқгардида;
5. Таҳияи буҷети муассисаҳои КАТС-и шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ;
6. Инчунин, дар доираи маблағгузории дуюми иловагии Лоиҳа тибқи фармоишҳои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 21 майи соли 2021, №46, аз 6 майи соли 2022, №96 ва аз 15 майи соли 2023, №127) аз ҷониби гурӯҳи корӣ, ки аз ҳисоби мутахассисони Раёсати иқтисодӣ ва банақшагирии буҷети соҳаҳои тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ВТҲИА, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва намояндаи Лоиҳа таъсис дода шуда буд, омӯзиши вазъи татбиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2015, №827 «Дар бораи масъалаҳои ҷорӣ намудани маблағгузории сарикасӣ дар муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ» гузаронида шуд. Дар асоси маълумотҳои ҷамъгардидаи оморию молиявӣ ва истифода аз формулаи ҳисобкунии меъёри сарикасӣ (бо назардошти ҳамаи моддаҳои хароҷотӣ), дар натиҷаи таҳлилҳои ташаккули буҷети муассисаҳои КАТС-и шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ маълум гардид, ки дар соли 2021-21 миллиону 990 ҳазор сомони, дар соли 2022- 31 миллиону 624 ҳазору 101 сомони ва дар соли 2023 - 39,5 миллион сомониро тибқи ҳисобҳо дар муассисаҳои КАТС норасои маблағҳои буҷетӣ ташкил медиҳад.

Бо мақсади васеъ намудани формулаи маблағгузории сарикасӣ ва ҳамгироии МАНФ ба системаи мавҷудаи маблағгузории КАТС, аз ҷониби мушовири байналмилалӣ, Самвел Харазян корҳои зерин иҷро карда шуданд;

1. Таҳияи методология ва нақшаи чорабиниҳо барои фаъолиятҳои зерин;
   - такмили формулаи маблағгузории сарикасӣ бо дарназардошти ҷинс ва синну сол.
   - таҳияи усулҳои пардохт барои кормандони КАТС дар принсипҳои маблағгузории сарикасӣ.
   - ҳамгироии механизми МАНФ ба системаи мавҷудаи маблағгузории сарикасӣ.
   - озмоиши системаи автоматикунонидашудаи бақайдгирии беморон.
2. Беҳтар намудани системаи маблағгузории сарикасӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти ба инобат гироифтани фарқияти махсуси демографӣ:
   - такмили/боздиди системаи маблағгузории сарикасӣ бо ёрии қабули коэффитсиентҳои ҷинс ва синну солӣ, ислоҳи формулаи ҳисобӣ

намудани базаи заминавии маблағгузории сарикасӣ барои маблағгузории муассиаҳои КАТС;

- такмили/боздиди методи ҳисоб намудани муассисаҳои КАТС ҳангоми маблағгузории сарикасӣ;
- боздид/беҳтар намудани ҳисоби меъёри сарикасии тавсиядодашаванда барои маблағгузории маракадҳои саломатии деҳотӣ ва бунгоҳи саломатӣ;

3. Қабули методи сарикасии пардохти кормандони тиббӣ дар муассисаҳои КАТС ва таҳлили таъсири он ҳангоми татбиқ;

- қабули методҳои пардохтҳои сарикасӣ ва пардохтҳои ҳавасмандкунии кормандони тиббӣ дар муассисаҳои КАТС;
- таҳлили методи пардохти сарикасӣ ва ҳамгироӣ дар ноҳияҳои таҷрибавӣ;

4. Дастурамал оид ба ташаккули феҳристи бақайдгирии электронӣ (ФБЭ);
5. Дастурамал оид ба пардохтҳои ҳавасмандгардонӣ барои ташаккули феҳристи электронии бақайдгирии беморон дар шабакаи муассисаҳои кумаки аввалияи тиббию санитарии ноҳияи Спитамени вилояти Суғд.

6. Пешниҳодҳои оид ба дастурамал/тартиби ҳисоб намудани фонди ҳавасмандгардонии КАТС (дар сатҳи маркази саломатии ноҳияви)
7. Пешниҳодҳо оид ба таҳияи усулҳо ва механизмҳои арзёбии самаранокии механизми пардохтҳои МАНФ ҳангоми гузариш ба маблағгузории буҷети давлати.
8. Таҳлили таъсири пардохтҳои ҳавасмандгардони ба муассисаҳои КАТС.

Дар баробари ин, бо мақсади иҷрои Стратегияи ҳифзи солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 2021, №414 тасдиқ карда шудааст, фармоиши Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ «Дар бораи ба таври таҷрибавӣ ворид намудани шакли бақайдгирии беморон аз тарафи табиби кумаки аввалияи тиббию санитарӣ ва дастурамал оид ба ташаккули феҳристи бақайдгирии электронӣ, инчунин дастурамал оид ба пардохтҳои ҳавасмандгардонӣ барои ташаккули феҳристи электронии бақайдгирии беморон дар Шабакаи муассисаҳои кумаки аввалияи тиббию санитарии ноҳияи Спитамени вилояти Суғд аз 20 апрели соли 2022, №280 тасдиқ карда шудааст. Инчунин, бо мақсади таҳия намудани феҳристи электронии бақайдгирии беморон мушовири маҳали интихоб карда шуд. Дар давраи ҳисоботи аз тарафи мушовир ҳисоботи якум, ки дар он баррасии талаботи системаи электрони, методология, равишҳои барои татбиқи система ва нақшаи кори оид ба ташкил ва таҳияи архитектураи барнома ва ҳисоботи дуюм тавсияҳои умумӣ оид ба таҳияи Системаи электронии бақайдгирии беморон,

аз ҷумла интихоби забонҳои барномасозӣ, меъмории система, мундариҷаи интерфейси корбар, инчунин талаботҳо ба таҷҳизотҳои сервер ва компютери барои корбарон дарҷ карда шудааст, пешниҳод карда шуд.

**Қисмати 3. Идораи лоиҳа, ҳамоҳангсозӣ, мониторинг ва баҳодиҳӣ:**

Дар даираи қисмати мазкур хароҷот марбут ба татбиқ ва идоракунии лоиҳа дар сатҳи марказӣ ва вилоятӣ маблағгузорӣ карда мешавад. Хароҷоти маблағгузорӣ аз инҳо иборатанд: хароҷоти амалиётӣ, музди меҳнати мутахассисони лоиҳа, хароҷоти сафарҳои хизматӣ, сафарҳои омӯзишӣ барои баланд бардоштани иқтидории кадрии аъзои Гурӯҳи Ҳамоҳангсозӣ ва кормандони татбиқи лоиҳа, аудити лоиҳа, мониторинг ва арзёбӣ. Маводҳои асосии дар самти мониторинг ва баҳодиҳии Лоиҳа ин ҳисоботҳои моҳона, нимсола ва солона оид ба амалисозии Лоиҳа, ки ба Бонки ҷаҳонӣ ва вазорату мауссисаҳои дахлдор пешниҳод мегарданд мебошад. Дар доираи мониторинг ва баҳодиҳии Лоиҳа тибқи маблағгузории иловагии дуюм, нишондиҳандаҳои ҳадафи рушд ва фосилвии Лоиҳа аз нав дида баромада шуд ва дар асоси натиҷаҳои бадастомада ва амалҳои таҷдидшуда, ба танзим дароварда шуданд. Дар умум, дар доираи Лоиҳа 5-нишондиҳандаҳои ҳадафи рушд ва 17-нишодиҳандаи фосилавӣ инчунин, нишондиҳандаҳои миқдори ва сифатии МАНФ пайгири карда мешаванд. пешниҳод мегардад. Сарчашмаҳои асосии нишондиҳандаҳои мазкур ин Системаи иттиллоотии идоракунии МАНФ ва платформаи иттилоотии Kobotoolbox мебошад. Дар баробари ин, дар доираи мониторинг ва баҳодиҳии маҳзани маълумотҳо таҳия шудааст аз ҷумла, оид ба харид, омӯзиш ва кортҳои шаҳрванди.

***Нишондиҳандаҳои ҳадафи рушд***

Ҳадафҳои рушди лоиҳа барои беҳтар намудани сифат ва дастрасии хизматрасониҳои тиббӣ ба модарон ва кӯдакони деҳот, ки ҳамчун гуруҳи осебпазир буда равона гаштааст. Дар маҷмӯъ, дар анҷоми Лоиҳа дар самти ноил шудан ба ҳадафҳои рушди Лоиҳа аз рӯи панҷ нишондиҳанда мувофиқи ҳадафҳои муқарраршуда тамаюли мусбат дида мешавад.

1. *Модароне, ки хизматрасониҳои саривақтиро оид ба кӯмаки баъд аз таваллудиро дар 10 ноҳияҳои таҷрибавӣ мегиранд (бо фоиз).*

Дар ду соли амалисозии Лоиҳа дар доираи маблағгузории дуюми иловагӣ таҳлили нишондиҳандаи мазкур нишон медиҳад, ки кӯмаки баъд аз таваллуди дар соли 2021 ба 99,1% ва дар соли 2022 ба 99,7% расид, ки нисбат ба мақсади пешбинишуда 4,7% зиед мебошад.

2. *Модароне, ки хизматрасониҳои саривақтиро оид ба кӯмаки баъд аз таваллудиро дар 6 ноҳияҳои таҷрибавӣ мегиранд (бо фоиз).*

Фарогирии модарон бо кӯмаки баъд аз таваллуди дар шаш ноҳияи нави таҷрибавӣ низ зиед гардидааст, дар соли 2021 ба 99,1% ва дар соли 2022 ба 99,4% расид, ки нисбат ба мақсади пешбинишуда 6,4% зиед мебошад.

*3. Шумораи модароне, ки машварат оид ба масъалоҳои ғизо гирифтаанд.*
Таҳлили нишондиҳандаи мазкур нишон медиҳад, ки шумораи машварати модарони оид ба ғизо дар мудати ду соли амалисози зиед гардидааст соли 2021 - 225 053,0 машварат ва 2022- 326 730 машварат расид, ки нисбат ба мақсади пешбинишуда 12% зиед мебошад.

4. *Холи миёна барои сифати хизматрасониҳои тиббӣ дар 10 ноҳияҳои таҷрибави, ки дар доираи Лоиҳа фаро гирифта шуданд (фоиз).*

Беҳтар намудани хизматрасонии тиббӣ яке аз мақсадҳои асосии Лоиҳа мебошад ва барои мониторинг ва арзёбии ин чорабини нишондиҳандаи мазкур муайян карда шуд. Аз аввали соли 2021 дар 10 ноҳияи таҷрибави холи миёнаи сифати хизматрасони ба 87,9% дар сатҳи МСД ва 86,3% дар сатҳи БС баробар шуд. Дар соли 2022 бошад ба 91,3% ва 91,2% мутаносибан расид, ки нисбат ба мақсади пешбинишуда 3,5% дар сатҳи МСД ва 5,6% дар сатҳи БС зиед мебошад.

5. *Холи миёна барои сифати хизматрасониҳои тиббӣ дар 6 ноҳияҳои таҷрибави, ки дар доираи Лоиҳа фаро гирифта шуданд (фоиз).*

Сифати хизматрасони дар шаш ноҳияҳои нави таҷрибавии Лоиҳа низ беҳтар гардидааст. Дар соли 2021 холи миена барои МСД 65,5% ва барои БС 58,8% ва дар соли 2022 холи миена барои МСД 83,8% ва барои БС 80,5% арзёби карда шуд. Нисбат ба мақсади пешбинишуда 18,8% дар сатҳи МСД ва 25,5% дар сатҳи БС зиед мебошад.

***Натиҷаҳо аз рӯи нишодиҳандаҳои фосилавии қисмати якум.***

Дар доираи қисмати якуми Лоиҳа 14 нишондиҳандаи фосилави пайгири карда шуданд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, дар анҷоми Лоиҳа аз 14 нишондиҳандаи қисмати мазкур нисбат ба мақсадҳои фосилавии муқарраршуда се нишондиҳанда аз ҷумла, “Шахсоне, ки хизматрасониҳои асосии соҳаи тандурустӣ ва ғизо гирифтаанд”, “Шумораи кӯдакони иммунизатсия шуда” ва “Шумораи занон ва кӯдаконе, ки хизматрасонии асосии оид ба ғизо мегиранд” ноил нашуданд ва фоизи иҷроиши он ба 97,6%, 96,6% ва 96,5% мутаносибан баробар аст.

***Натиҷаҳо аз рӯи нишодиҳандаҳои фосилавии қисмати дуюм.***

Дар доираи қисмати дуюми Лоиҳа ду нишондиҳанда фосилави пайгири карда мешавад. Аз ҷумла, “Шумораи кормандони тандурустӣ, ки давраҳои омузиш гузаштанд” ва “Миқдори муассисаҳои тиббӣ - марказҳои саломатии деҳоти таъмиршуда ва/ё таҷҳизонидашуда”. Нишондиҳандаҳои мазкур ҳар охири сол

натиҷагири карда мешавад ва ҷамъшаванда (кумулятиви) мебошанд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки шумораи кормандони тиб, ки давраҳои омӯзиширо гузаштанд нисбат ба мақсадҳои фосилавии муқарраршуда дар анҷоми Лоиҳа 1% зиед мебошад. Нишондиҳандаи дуюм бошад дар нисбат ба мақсади фосилавии муқарраршуда 19% зиед мебошад. Дар умум, ду нишондоди мазкур ба мақсади пешбинишуда ноил гаштаанд.

***Натиҷаҳо аз рӯи нишодиҳандаҳои фосилавии қисмати сеюм***

Дар доираи қисмати сеюми Лоиҳа нишондоди “Миқдори ноҳияҳои нави Лоиҳа, ки дар онҳо СИИ МАНФ фаъолият менамояд” пайгири карда мешавад. Натиҷаи нишондоди мазкур нишон медиҳад, ки СИИ МАНФ дар шаш ноҳияи нави таҷрибавӣ аз семоҳаи сеюми соли 2021 фаъол карда шудааст ва ба мақсади пешбинишуда ноил гаштааст.

Маълумот оид ба сатҳи иҷроиши нишондиҳандаҳои асосии пешбинигардидаи Лоиҳаи «Беҳтар намудани хизматрасонии тиббӣ» дар замимаи.4 дарҷ карда шудааст.

Инчунин, мақсади иттилоотонии ҷомеа оиди татбиқи Лоиҳа шартномаҳо бо МД телевизиони “Ҷаҳоннамо” рузномаи “Ҷумҳурият”, идораи телевизион ва радиои вилояти Хатлон, Идораи телевизион ва радиои вилояти Суғд, ташкилоти ҷамъиятии “Телевизиони Азия” дар вилояти Суғд, баста ва ҳамкории дуҷониба ба роҳ монда шуд. Ҳамаги 55 барнома ва гузориши телевизиони таҳия гардида дар шабакаи телевизиони Ҷумҳурияви ва вилояти пахш карда шуд. Дар баробари ин, 84 маводи иттилооти дар сомониҳои расмии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, сомони АМИТ “Ховар” ва сомонаҳои иҷтимоии facebook.com ҷой карда шуд. Дар ин давра 6 ролики тарғиботӣ аз ҳадафи татбиқ ва дастовардҳои Лоиҳаи мазкур омода кара шуд. Инчунин, бо мақсади пурзӯр намудани иқтидори кадрии Гурӯҳи ҳамоҳангсозии Лоиҳа, тибқи нақшаи кори кормандон дар омӯзиши “Стандартҳои ҷаҳонии ҳисоботи молиявӣ” дар шахри Анталия ва даври омӯзиши “Мониторинг ва арзёбӣ дар асоси натиҷаҳо” дар шаҳри Истамбули Ҷумҳурии Туркия, омӯзишҳо оид ба “Идоракунии молиявӣ ва харид”, “Фасод ва қаллобӣ” ва “Системаи тандурустӣ” дар реҷаи маҷозӣ иштирок намуданд.

**Маълумот дар бораи санҷишҳои дар давраи ҳисоботӣ гузаронидашуда**:

Аз аввали татбиқи Лоиҳа дар доираи маблағгузории дуюми иловаги фаъолияти молявии хоҷагидории Лоиҳа аз ҷониби Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июл то 15 августи соли 2021 ва аз 12 июни соли 2023 (идома дорад) ва аз 29 июли то 25 агвусти соли 2022 аз ҷониби Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шудаанд. Дар баробари ин, фаъолияти молиявии лоиҳаро аз ҷониби аудити байналмилаллӣ ширкати “Kreston AC” гузаронида шуд.

**Маълумот оид ба масъалаҳои кадрӣ дар гурӯҳи татбиқи Лоиҳа:**

Ҳайати кадрии Лоиҳа аз Директори иҷроияи лоиҳа, 1-нафар ҳамоҳангсоз, 1 нафар сармуҳандис оид ба сохтмон, 2-нафар сармутахассис, 22-нафар мутахассиси маҳаллӣ, 1-нафар тарҷумон, ва 12-нафар кормандони ёрирасон иборат мебошад.

**Рӯйхат ва вазифаҳои кормандон**:

| **№** | **Ному насаб** | **Вазифа** |
|---|---|---|
| 1. | Холназар Баҳодур | Директори иҷроияи лоиҳа |
| 2. | Зиеева Зарина Насрединовна | Мутахассис оид ба идоракунии молиявӣ/Сармуҳосиби лоиҳа |
| 3. | Юлдошев Хуршед | Сармутахассис оид ба харид |
| 4. | Ғаффорова Зулфия Шарофовна | Мутахассис оид ба харид |
| 5. | Қаландаров Шуҳрат Абдураҳмонович | Сармутахассис оид ба идоракунии МАНФ |
| 6. | Мирсабурова Саодат Ҷурабоевна | Ҳамоҳангсоз оид ба амалисозӣ ва верификатсия |
| 7. | Ғоибова Фотима Бегмуродовна | Мутахассис оид ба иттилоотонии аҳолӣ |
| 8. | Ҷамалов Абдурашид Абдуразокович | Мутахассис оид ба технологияҳои иттилоотӣ |
| 9. | Назаров Умеджон Тағоевич | Мутахассис оид мониторинг ва баҳодиҳӣ |
| 10. | Салимзода Нурхон Одина | Сармуҳандис оид ба сохтмон |
| 11. | Нуров Абдуғаффор Тураевич | Мутахассис оид ба мониторинги татбиқи маблағгузории сарикасӣ ва азнавсозии меъёрҳо дар назди ВТҲИА |
| 12. | Хусейнов Хасан Темурович | Мутахассис оид ба системаи иттилоотии идоракунии тандурустӣ |
| 13. | Холов Сироҷиддин Лутфидинович | Мутахассис оид ба пардохт |
| 14. | Раҳимзода Дилафрузи Холмаҳмад | Мутахассис оид ба пардохт |
| 15. | Худойбердиев Алимардон Шоймардонович | Муҳандис-нозири Лоиҳа |
| 16. | Раҷабов Умарбек Неъматиллоевич | Муҳандис-харҷномачӣ |
| 17. | Давлятов Ориф Ғайратович | Мутахассис оид ба масъалаҳои идоракунӣ ва шуъбаи умумӣ |
| 18. | Муродова Дилрабо | Мутахассис оид ба коргузории лоиҳа |
| 19. | Сангинова Робия Аҳмадҷоновна | Тарҷумон |
| 20. | Қурбанов Беҳруз Қудратуллоевич | Мутахассис оид ба масъалаҳои кадрӣ |
| 21. | Холназаров Фирдавс | Мутахассис оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ |
| 22. | Шокиров Фаррух Туғралович | Мутахассис оид ба амалисозии Лоиҳа дар в. Суғд |

| | | |
|---|---|---|
| 23. | Авясов Тимур Шамилевич | Мутахассис оид ба мониторинги системаи идоракунии иттилоотии Лоиҳа дар вилояти Суғд |
| 24. | Пӯлотова Гавҳар Умарҷоновна | Мутахассиси беҳтарсозии сифати хизматрасониҳои тиббӣ дар в.Суғд |
| 25. | Долиев Содиқ Розиевич | Мутахассис оид ба амаликунии Лоиҳа дар в. Хатлон |
| 26. | Асроров Додихудо Рашидович | Мутахассис оид ба мониторинги системаи идоракунии иттилоотӣ дар в. Хатлон |
| 27. | Шарипов Бахтиёр Джонбобоевич | Мутахассис оид ба технологияҳои иттилоотӣ дар вилояти Хатлон |
| 28. | Шукуров Махмади Намазович | Мутахассис оид ба идоракунии маблағгузорӣ дар асоси натиҷаҳои фаъолияти вилояти Хатлон |
| 29. | Исматов Умарали Ҷунайдович | Ронанда, дастгоҳи марказӣ |
| 30. | Зиёев Шаҳобиддин | Ронанда, дастгоҳи марказӣ |
| 31. | Султанов Рустам Анварджонович | Ронанда, дастгоҳи марказӣ |
| 32. | Мудинов Шерали | Ронанда |
| 33. | Абдукаримова Руқия Юлдошевна | Фаррош, дастгоҳи марказӣ |
| 34. | Саидова Нозира Шовалиевна | Фаррош, дастгоҳи марказӣ |
| 35. | Замунов Амирхон | Посбони рӯзона, дастгоҳи марказӣ |
| 36. | Нуров Музафар | Посбони шабона |
| 37. | Раҷабов Ҳукматулло | Посбони шабона |
| 38. | Шукуров Шариф | Посбони шабона |
| 39. | Мамаҷонова Гулнора Қосимҷоновна | Фаррош, в. Суғд |
| 40. | Каримова Лола | Фаррош дар в. Хатлон |

**Омилҳое, ки ба рафти татбиқи Лоиҳа таъсири манфӣ расонида истодаанд:**

Аз сабаби саривақт ҷудо нагардидани маблағҳои Саҳми Ҳукумати ҶТ аз ҷониби Вазорати молияи ҶТ лоиҳа дар назди кумитаи андози ҶТ 310406 сомони карздор гардид, ки барои ҳалли ин масаъла дахолати бевоситаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ё Бонки ҷаҳонӣ лозим мебошад.

**Маълумот дар бораи татбиқи лоиҳа дар минтақаҳои ҷумҳурӣ**

Дар қисмати мазкур маълумот дар бораи татбиқи лоиҳа (корҳои иҷрошуда ва маблағи азхудшуда ) дар ноҳияҳои таҷрибави аз аввали амалисозии Лоиҳа дар доираи маблағгузории дуюми иловаги пешниҳод карда мешавад.

***Дар сатҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон***

Дар сатҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият аз корҳои идоранамоии Лоиҳа иборат мебошад. Аз аввали татбиқ дар сатҳи коргоҳи Лоиҳа хароҷотҳо барои музди меҳнат, хароҷотҳои амалиётӣ ва гузаронидани як қатор давраҳои омӯзишӣ дар ноҳияҳои таҷрибавии ба маблағи умуми 2 300 710,03 доллари ИМА, барои хароҷоти хизматрасониҳои машварати ба маблағи 576857,70 доллари ИМА, 93839,23 доллари ИМА барои пардохти интернети ноҳияҳои таҷрибавӣ, 249 386,28 доллари ИМА барои гузаронидани верификатсияи дохилӣ пардохт карда шудаанд. Фарқияти мусбии қурби асъор аз оғози Лоиҳа 3436,33 доллари ИМА-ро ташкил намуд. Ҳаҷми умумии маблағҳои азхудшуда дар сатҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз аввали татбиқи Лоиҳа – **3217340,73** доллари ИМА-ро ташкил медиҳад..

***ш.Душанбе***

Аз оғози татбиқи Лоиҳа дар сатҳи шаҳри Душанбе барои беҳтар намудани заминаи моддию техникии муассисаҳои зертобеи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Лоиҳа ҳамкори доранд таҷҳизотҳои компютери, маводҳои нашри, борхалтаҳои тибби харидори карда шуааст. Аз ҷумла, Дастурамал оид ба МАНФ, Дастурамали оид ба "Иммунизатсия дар амал", буклетҳо оид ба иммунизатсия, буклетҳо оид ба хизматрасониҳои тиббӣ дар сатҳи КАТС ва буклетҳо оид ба муроҷиати шаҳрвандон ба маблағи 31380,86 доллари ИМА, 18 ноутбукҳо барои Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ба маблағи 12 240,13 доллари ИМА, нашр намудани шаклҳои ҳисоботӣ барои Муассисаи давлатии “Маркази ҷумҳуриявии иммунопрофилактика” ба маблағи 24 761,06, таҷҳизотҳо барои ҳуҷраи серверӣ ба маблағи 27629,69 доллари ИМА, 16 адад борхалтаҳои тиббӣ ба маблағи 9771,86 доллари ИМА, таҷҳизотҳои компютерӣ барои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раёсати тандурустии шаҳри Душанбе ба маблағи 11607,1 доллари ИМА, нашр намудани Дастурамал оид ба таъин ва пардохти музди меҳнати кормандони ташкилоту муассисаҳои давлатии тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 9920,28 доллари ИМА, 33 адад борхалтаҳои тиббӣ барои Маркази ҷумҳуриявии таълимию клиникии тибби оилавӣ ва 32 борхалтаҳои тиббӣ барои Муассисаи давлатии таълимии “Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии

Ҷумҳурии Тоҷикистон” ба маблағи 37 190,79 доллари ИМА, 2 адад авторефрижератор бо мақсади интиқол ва нигоҳдории ваксинаҳо ба маблағи 107484,41 доллари ИМА барои Муассисаи давлатии “Маркази ҷумҳуриявии иммунопрофилактика”, 5000 адад Дастурамали “Ғизоии табобатии стандарти дар муассисахои тандурусти ва хифзи ичтимоии ахоли” барои Муассисаи давлатии “Маркази ҷумҳуриявии ғизо” ба маблағи 32 204,08 долларов ИМА, таҷҳизотҳои компютерӣ барои беҳтар намудани СИИ МАНФ дар сатҳи марказӣ ба маблағи 100 074,69 доллари ИМА, 3230,09 доллари ИМА, харид намудани мебели кори (Лоиҳа), хариди видеокамера 4438,60 доллари ИМА, 6 адад автомашинаҳо ба маблағи 225 690,00 доллари ИМА, маводҳои иттилоотӣ оид ба муроҷиати шаҳрвандон барои Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ба маблағи 416,0 доллари ИМА, 10 адад ноутбук барои гузаронидани давраҳои омӯзиши дар реҷаи маҷозӣ ба маблағи 10957,94 доллари ИМА, ду адад автомашинаҳои хизматӣ барои Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ба маблағи 63360,0 доллари ИМА ва борои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Маҷмӯи дастурҳои клиникӣ оид ба ташхису табобати беморон дар сатҳи шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ” (боздидшуда) ба маблағи 99880,88 доллари ИМА нашр карда шуд. Ҳаҷми умумии маблағҳои азхудшуда аз аввали татбиқи Лоиҳа – **812 272,89** доллари ИМА ташкил медиҳад.

***Вилояти Хатлон***
***ш. Бохтар***

Аз аввали татбиқи Лоиҳа бо мақсади амалии “Тартиби баррасии муроҷиатҳо” барои Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар вилояти Хатлон таҷҳизотҳо барои ҳуҷраи серверӣ (1 адад таҷҳизоти серверӣ, 1 адад моноблок, 1 адад сарчашмаи муттасили барқ, 1 адад каммутатор, 1 адад WI-FI маршутизатор, 2 адад филтри шабакавӣ, 1 адад тасбитгари автоматикии шиддат, 1 адад кондисионер, 1 адад принтер, сарчашмаи мутассили барқ барои моноблокҳо ва 1 адад пойгоҳи сервер) ба маблағи 23059,6 доллари ИМА ва дар доираи маблағгузории сарикасӣ бо мақсади беҳтаркунии заминаи моддию техникии Раёсати тандрустии вилояти Хатлон, Маркази саломатии шаҳри Бохтар ва Сарраёсати молия вилояти Хатлон таҷҳизотҳои компютерӣ (3 адад ноутбук, як адад моноблок, 3 адад принтер, 1 адад тасбитгари автоматикии шиддат ва 3 адад 4G/LTE WiFi роутер) ба маблағи 6099,9 доллари ИМА ва барои Маркази таълимию клиникии тибби оилавии вилояти Хатлон ва Маркази байниноҳиявии таълимию клиникии тибби оилавӣ ш.Кӯлоб 16 адад борхалтаи тиббӣ ба

маблағи 6576,28 доллари ИМА ва муляжҳои таълими ба маблағи 24930 доллари харид намудааст. Ҳаҷми умумии маблағҳои азхудшуда дар ш.Бохтар аз аввали татбиқ – **60 665,74** доллари ИМА-ро ташкил медиҳад.

### 1. *Ноҳияи Фархор*

Аз аввали татбиқ дар марказҳои саломатии деҳот ва бунгоҳҳои саломатии ноҳия аз ҷониби Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ 7 давраи верификатсияи дохила гузаронида шуд ва дар доираи татбиқи МАНФ 164 220,62 доллари ИМА дар шакли иловапулӣ ба кормандон ва барои нигаҳдории МСД ва БС-ии ноҳия пардохт карда шуд. Аз аввали татбиқи Лоиҳа ба ноҳияи мазкур бо мақсади фаъолият намудани марказҳои саломатии деҳот ва бунгоҳҳои саломатӣ дар асоси принсипҳо ва механизмҳои асосии маблағгузории аз рӯи натиҷаҳои фаъолият Дастурамали МАНФ, варақаҳои баҳодиҳии сифат ва дафтари бақайдгирии беморон аз рӯи МАНФ ба маблағи 1954,21 доллари ИМА ва Дастурамали ташрифи хонаводаҳо, шакли бақайдгирии хонаводаҳо, шакли бақайдгирии ташрифи мақсаднок, Дастурамали оид ба "Иммунизатсия дар амал", буклетҳо оид ба иммунизатсия, буклетҳо оид ба хизматрасониҳои тиббӣ дар сатҳи КАТС ва буклетҳо оид ба муроҷиати шаҳрвандон ба маблағи 7407,06 доллари ИМА нашр ва дастрас карда шуданд. Инчунин, бо мақсади баланд бардоштани иқтидори кормандони муассисаҳои таҷрибавии ноҳия 93 нафар бо давраҳои омӯзишӣ оид ба принсипҳо ва механизмҳои асосии маблағгузории муассисаҳои тандурустӣ аз рӯи натиҷаҳои фаъолият ва 1 нафар корманди тибби ноҳия бо даврҳои омӯзишии менеҷменти тандурустӣ 3 нафар мутахассисон бо давраҳои бозомӯзии тибби оилавӣ фаро гирифта шуданд. Аз аввали татбиқи Лоиҳа бо мақсади беҳтаркунии заминаи моддию техникии муассисаҳои КАТС-и ноҳия таҷҳизотҳои компютерӣ (ноутбук-30 адад, модем-2 адад, планшет-2 адад ва принтер-2) ба маблағи 23043,92 доллари ИМА, 84 адад борхалтаҳои тиббӣ (31 адад барои табибон 53 адад барои кормандони миёнаи тиб) ба маблағи 34314,96 доллари ИМА, 28 адад қуттиҳо барои муроҷиати хаттии шаҳрвандон ба маблағи 963,89 доллари ИМА, 2 адад нақлиёти санитарӣ ба маблағи 123 801,30 доллари ИМА, генератор ва обгармкунаки офтобӣ ба маблағи 6950,00 доллари ИМА ва маводҳои иттилоотӣ оид ба муроҷиати шаҳрвандон ба маблағи 295,58 доллари ИМА харидори карда шуд. Ҳаҷми умумии маблағҳои азхудшуда дар н. Фархор аз аввали татбиқи Лоиҳа **362951,68** доллари ИМА-ро ташкил медиҳад.

## 2. *Ноҳияи Ёвон*

Аз аввали татбиқ, дар марказҳои саломатии деҳот ва бунгоҳҳои саломатии ноҳия аз ҷониби Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ 7 давраи верификатсияи дохила гузаронида шуд ва дар доираи татбиқи МАНФ 300 860,94 доллари ИМА дар шакли иловапулӣ ба кормандон ва барои нигаҳдории МСД ва БС-ии ноҳия пардохт карда шуд. Аз аввали татбиқ ба ноҳияи мазкур бо мақсади фаъолият намудани марказҳои саломатии деҳот ва бунгоххҳои саломатӣ дар асоси принсипҳо ва механизмҳои асосии маблағгузории аз рӯи натиҷаҳои фаъолият Дастурамали МАНФ, варақаҳои баҳодиҳии сифат ва дафтари бақайдгирии беморон аз рӯи МАНФ ба маблағи 2487,31 доллари ИМА ва Дастурамали ташрифи хонаводаҳо, шакли бақайдгирии хонаводаҳо, шакли бақайдгирии ташрифи мақсаднок, Дастурамали оид ба "Иммунизатсия дар амал", буклетҳо оид ба иммунизатсия, буклетҳо оид ба хизматрасониҳои тиббӣ дар сатҳи КАТС ва буклетҳо оид ба мурочиати шаҳрвандон ба маблағи 10308,70 доллари ИМА нашр ва дастрас карда шуданд. Инчунин, бо мақсади баланд бардоштани иқтидори кормандони муассисаҳои таҷрибавии ноҳия 107 нафар бо давраҳои омӯзишӣ оид ба принсипҳо ва механизмҳои асосии маблағгузории муассисаҳои тандурустӣ аз рӯи натиҷаҳои фаъолият, 2 нафар мутахассисон бо давраҳои бозомӯзии тибби оилавӣ ва 1 нафар корманди тибби ноҳия бо даврҳои омӯзишии менеҷменти тандурустӣ фаро гирифта шуданд. Аз аввали татбиқи Лоиҳа бо мақсади беҳтаркунии заминаи моддию техникии муассисаҳои КАТС-и ноҳия таҷҳизотҳои компютерӣ (ноутбук-41 адад, модем-10 адад ва принтер-10) ба маблағи 33 828,67 доллари ИМА, 105 адад борхалтаҳои тиббӣ (34 адад барои табибон ва 71 адад барои кормандони миёнаи тиб) ба маблағи 41 370,29 доллари ИМА, 31 адад қуттиҳо барои мурочиати хаттии шаҳрвандон ба маблағи 1067,17 доллари ИМА, 2 адад нақлиёти санитарӣ ба маблағи 123 801,30 доллари ИМА, генератор ва обгармкунаки офтобӣ ба маблағи 6950,0 доллари ИМА ва маводҳои иттилоотӣ оид ба мурочиати шаҳрвандон ба маблағи 394,10 доллари ИМА харид намудааст. Ҳаҷми умумии маблағҳои азхудшуда дар н. Ёвон аз аввали татбиқи Лоиҳа **521068,48** доллари ИМА-ро ташкил медиҳад.

## 3. *Ноҳияи Ҷ. Балхӣ*

Аз аввали татбиқ дар марказҳои саломатии деҳот ва бунгоҳҳои саломатии ноҳия аз ҷониби Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ 7 давраи верификатсияи дохилаи гузаронида шуд ва дар доираи татбиқи МАНФ 349 026,12 доллари ИМА дар шакли иловапулӣ ба кормандон ва барои нигаҳдории МСД ва БС-ии ноҳия пардохт карда шуд.

Аз аввали татбиқи Лоиҳа ба ноҳияи мазкур бо мақсади фаъолият намудани марказҳои саломатии деҳот ва бунгоҳҳои саломатӣ дар асоси принсипҳо ва механизмҳои асосии маблағгузории аз рӯи натиҷаҳои фаъолият Дастурамали МАНФ, варақаҳои баҳодиҳии сифат ва дафтари бақайдгирии беморон аз рӯи МАНФ ба маблағи 1929,98 доллари ИМА ва Дастурамали ташрифи хонаводаҳо, шакли бақайдгирии хонаводаҳо, шакли бақайдгирии ташрифи мақсаднок, Дастурамали оид ба "Иммунизатсия дар амал", буклетҳо оид ба иммунизатсия, буклетҳо оид ба хизматрасониҳои тиббӣ дар сатҳи КАТС ва буклетҳо оид ба муроҷиати шаҳрвандон ба маблағи 9382,94 доллари ИМА нашр ва дастрас карда шуд. Инчунин, бо мақсади баланд бардоштани иқтидори кормандони муассисаҳои таҷрибавии ноҳия 83 нафар бо давраҳои омӯзишӣ оид ба принсипҳо ва механизмҳои асосии маблағгузории муассисаҳои тандурустӣ аз рӯи натиҷаҳои фаъолият, 4 нафар мутахассисон бо давраҳои бозомӯзии тибби оилавӣ ва 1 нафар корманди тибби ноҳия бо даврҳои омӯзишии менеҷменти тандурустӣ фаро гирифта шуданд. Аз аввали татбиқи Лоиҳа бо мақсади беҳтаркунии заминаи моддию техникии муассисаҳои КАТС-и ноҳия таҷҳизотҳои компютерӣ (ноутбук-30 адад, модем 2 адад, планшет-2 адад ва принтер-2) ба маблағи 16165,08 доллари ИМА, 75 адад борхалтаҳои тиббӣ (19 адад барои табибон ва 56 адад барои кормандони миёнаи тиб) ба маблағи 27854,7 доллари ИМА, 18 адад қуттиҳо барои муроҷиати хаттии шаҳрвандон ба маблағи 619,65 доллари ИМА, 2 адад нақлиёти санитарӣ ба маблағи 123 801,30 доллари ИМА, ду адад генератор ва ду адад обгармкунаки офтобӣ ба маблағи 13900,0 доллари ИМА ва маводҳои иттилоотӣ оид ба муроҷиати шаҳрвандон ба маблағи 295,58 доллари ИМА харид намудааст. Ҳаҷми умумии маблағҳои азхудшуда дар н. Ҷ.Балхӣ аз аввали татбиқи Лоиҳа 542975,35 доллари ИМА-ро ташкил медиҳанд.

### 4. *Ноҳияи Қубодиён*

Аз аввали табиқ дар марказҳои саломатии деҳот ва бунгоҳҳои саломатии ноҳия аз ҷониби Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ 7 давраи верификатсияи дохила гузаронида шуд ва дар доираи татбиқи МАНФ 278 005,18 доллари ИМА дар шакли иловапулӣ ба кормандон ва барои нигаҳдории МСД ва БС-ии ноҳия пардохт карда шуд. Аз аввали татбиқи Лоиҳа ба ноҳияи мазкур бо мақсади фаъолият намудани марказҳои саломатии деҳот ва бунгоҳҳои саломатӣ дар асоси принсипҳо ва механизмҳои асосии маблағгузории аз рӯи натиҷаҳои фаъолият Дастурамали МАНФ, варақаҳои баҳодиҳии сифат ва дафтари бақайдгирии беморон аз рӯи МАНФ ба маблағи **1691,47** доллари ИМА ва Дастурамали ташрифи хонаводаҳо, шакли бақайдгирии хонаводаҳо, шакли бақайдгирии ташрифи мақсаднок, Дастурамали оид ба "Иммунизатсия дар амал", буклетҳо оид ба иммунизатсия,

буклетҳо оид ба хизматрасониҳои тиббӣ дар сатҳи КАТС ва буклетҳо оид ба муроҷиати шаҳрвандон ба маблағи **8811,94** доллари ИМА нашр ва дастрас карда шуданд. Инчунин, бо мақсади баланд бардоштани иқтидори кормандони муассисаҳои таҷрибавии ноҳия 81 нафар бо давраҳои омӯзишӣ оид ба принсипҳо ва механизмҳои асосии маблағгузории муассисаҳои тандурустӣ аз рӯи натиҷаҳои фаъолият ва 1 нафар корманди тибби ноҳия бо даврҳои омӯзишии менеҷменти тандурустӣ фаро гирифта шуданд. Дар баробари ин, бо мақсади беҳтаркунии заминаи моддию техникии муассисаҳои КАТС-и ноҳия таҷҳизотҳои компютерӣ (планшет-1 адад, 17 адад ноутбук, 1 адад принтер ва 1 адад модем) ба маблағи **13162,35** доллари ИМА, 65 адад борхалтаҳои тиббӣ (16 адад барои табибон ва 49 адад барои кормандони миёнаи тиб) ба маблағи **23 990,33** доллари ИМА ва 16 адад қуттиҳо барои муроҷиати хаттии шаҳрвандон ба маблағи **550,80** доллари ИМА ва маводҳои иттилоотӣ оид ба муроҷиати шаҳрвандон ба маблағи 294,36 доллари ИМА харидори карда шудааст. Ҳаҷми умумии маблағҳои азхудшуда дар н. Қубодиён аз аввали татбиқи Лоиҳа **326 506,42** доллари ИМА-ро ташкил медиҳад.

### *5. Ноҳияи Данғара*

Аз аввали татбиқ дар марказҳои саломатии деҳот ва бунгоҳҳои саломатии ноҳия аз ҷониби Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ 7 давраи верификатсияи дохила гузаронида шуд ва дар доираи татбиқи МАНФ **208 499,16** доллари ИМА дар шакли иловапулӣ ба кормандон ва барои нигаҳдории МСД ва БС-ии ноҳия пардохт карда шуд.

